*Мулло Йулдош Тўрабой ўғли Хилватӣ*



# МАВЛУДИ НАБӢ (с.ъ.в.)

**Таҳиякунанда ва муаллифи шарҳу луғот:**
**Р.Қурбониён**


مولود
نبی
(صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ)

*Мо толиби Худоем,*
*Бар дини Мустафоем,*
*Бар даргаҳаш гадоем,*
*Султони мо Муҳаммад,*

## Мавлуд-ун-набӣ[1]
## (саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)

بِسم اللهِ الرَّحمنِ الرَّحيم

***Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим***

Ҳамд бар зоте, ки он Рабби ҷаҳон –
Холиқи арзу самову инсу ҷон:
Подшоҳи бесипоҳу бевазир,
Тоҷдори бекулоҳу бесарир.
Аввалашро ибтидо набвад варо,
Охирашро интиҳо набвад варо.
Ғофиру[2] саттору[3] раҳмонирраҳим[4],
Қоҳиру[5] ҷаббору[6] субҳоналъазим[7].
Лоямуту[8] лояному[9] лоязол[10],
Зулҷалолу[11] зулкамолу[12] зулҷамол[13].
Ҳар чӣ бошад дар замину осмон,
Зоти ӯро ҳамд гӯяд инсу ҷон.
Ҷумла маълумаш бувад болову паст,
Ошкор аст ҷумлаи пинҳону ҳаст.
Он чӣ дар арзу само ҳаст сар ба сар,

Гарму сарду сурху зарду хушку тар.
Шоҳиди васфу гувоҳи зоти ӯст,
Ҳам камоли қудраташ оёти уст.
Холиқи ҳар неку бад ӯ бегумон,
Ризқрасони му’минону кофирон.
Ҳар чӣ ӯ хоҳад, ҳамоно он шавад,
Решҳоро[14] марҳаму дармон шавад.

**Наъти Набӣ** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)*

Он Муҳаммад, ки Расулуллоҳ буд,
Сарвари ҷумла гадову шоҳ буд.
Андалеб аст гулшани лавлокро[15],
Дурри поки баҳри қурби Кибриё[16].
Мазҳари ҷумла халоиқ нури ӯ,
Мабдаи ҷумла ҳақоиқ нури ӯ.
Маҳрами хилватсарои товуҳо,
Борёби боргоҳи Кибриё.
Сарвари ҷумла набӣ маҳбуби Ҳақ,
Раҳбари ҷумла валӣ марғуби Ҳақ.
Шоҳбози қудси қурбатошён,
Булбули гулзори боғи ломакон[17].
Ҳам чароғи ҳар ду ъолам зоти ӯ,
Ояти Ҳақ дар сифоти зоти ӯ.
Он ки Оллоҳ восифи авсофи ӯст,
Ояташ дар мадҳи зоти поки ӯст.
Мадҳи ӯро кай башар иҷро кунад,
Қуфли мадҳашро забон кай во кунад?
Дини ӯ мансух карда ҷумла дин,
Худ биёмад раҳматтанлилъоламин.

Дар ҷаҳонаст меҳрубони муслимин,
Рӯзи машҳар ӯ шафеъулмузнибин[18].
Рутбае, ки Ҳақ насиб карда варо,
Кас надида ҳеҷ як дар анбиё.
Уммати ӯ омада хайрулумам[19],
Хоҳ ӯ аҳли Араб хоҳӣ Аҷам.
Раҳмати Ҳақ бар ваю бар оли вай,
Бод нозил бар ҳамай[20] асҳоби вай.

## Баёни хосиятҳое, ки дар хондани мавлуди шариф аст

Гарчӣ фосиқ будаму рӯи сиёҳ,
Мубталои фисқу исёну гуноҳ.
Қобилиятро асар пайдо набуд,
Фаҳму донишро хабар пайдо набуд.
Ҳар замон пири ҳидоят дастгоҳ,
Толиби дидору шайдои Илоҳ.
Мушфиқӣ карду бигуфто: Эй фалон,
Бар ту гӯям аз саодат як нишон –
Гир бар дастат давоту хомаро,
Кун китобат ин саодатномаро.
Яъни “Мавлуди Набӣ”-ро назм кун,
Гар ту уммат бошӣ, акнун ҷазм кун.
Ҳар кӣ бошад умматаш хонад варо,
Доимо андар забон ронад варо.
Амри муршидам намуда эҳтимом[21],
Баргирифтам хомаро, эй некном.
Ҳар ки уммат шуд Расулуллоҳро,
Во намояд бар шумо як роҳро:

Бо сари худ раҳ равед, раҳ бошад ин,
Ки бувад, эй дӯстон, ин роҳи дин.
Раҳ ҳамин эй, уммати хайрулбашар,
Умматаш бошӣ, шунав ту ин хабар.
Ҳар кӣ уммат бошаду ҳам ростгӯ,
Ишқи ӯро бошад андар ҷустуҷӯ.
Менамояд ҷустуҷӯ мавлудро,
Ном мавлуду саропо судро.
Вирд созад рӯзу шаб, шому саҳар,
Дидаро дар ишқи ӯ гардонда тар.
Андар ин раҳ сарф созад хонумон,
Ҳақ ба ӯ бахшад биҳишти ҷовидон.
Ҳар ки мавлуди Муҳаммад Мустафо,
Хонад ӯ босидқ ҳар шому сабо.
Рӯзи Маҳшар аз шафоат бонасиб,
Гардад, ӯ бинад ҷамоли он ҳабиб.
Ҳар кӣ мавлуди шарифи нури Ҳақ,
Худ ба даст гирад кушояд як варақ.
Бесаводияш агар бошад сабаб,
Баҳри хондан ӯ кунад мулло талаб.
Чун алиф дар байни иқбол бомақом,
Байни давлат ҷо гирад монанди лом.
Ҳар ки аз мавлуди пайғамбар сухан
Гуфт ё бишнид то вақти кафан,
Қабри ӯ аз шамъи нур фонус шавад,
Ҳурҳо дар қабри ӯ побус шавад.
Ҳар кӣ ӯ дар ишқи мавлуд хондан аст,
Доимо ин номаро гирад ба даст.
Ёри Хизри мағфират гардад рафиқ,
Бар сарои манзилат ёбад тариқ.

Ҳар кӣ мавлуди ҳабиби Кирдугор,
З-иштиёқи дил шавад бар вай дучор.
Раҳмати Эзад ба ӯ муштоқ шавад,
Бандаи шоистаи Халлоқ шавад.
Ҳарчи гӯям аз хавоси ӯ нишон,
Аз ҳазораш як наояд дар баён.
Ҳар кӣ дорад ишқи Аҳмадро хабар,
Ин сухан бешак кунад бар вай асар.
Гар касеро набвар аз ин дард насиб,
Гар бигӯям сад ҳазор зикри Ҳабиб,
Пунбаи ғафлат нагирад ӯ зи гӯш,
Нафканад бори залолатро зи душ,
Эй ки ҳам бо завқу шавқ ин номаро –
Номаи иззу шараф ҳангомаро
Гар ба гӯши ҷону дил шайдо шавӣ,
Сомеъи як қиссаи раъно шавӣ.
Гар бихоҳӣ ёбӣ аз оташ наҷот
Ҳар нафас гӯ ассалому вассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Ҳикоят

Буд дар Бағдод як мардонае,
Ганҷи ишқашро дили вайронае.
Баҳри Ҳақ кораш ибодат будааст,
Хайру эҳсону садоқат будааст.

Баҳри ишқи Мустафоро буд беқарор,
Гиря мекардӣ чу абри навбаҳор.
Ё Муҳаммад, гуфта ӯ мекард хоб,
Ё Муҳаммад, гуфта ӯ мехест зи хоб.
Ё Муҳаммад, гуфта об мезад ба чашм,
Ё Муҳаммад, гуфта во мекард чашм.
Ё Муҳаммад, гуфта гирён мешудӣ,
З-оташи ишқ синабирён мешудӣ.
Ҳар рабеъулаввал он некухисол,
Хайру эҳсон менамуд моли ҳалол.
Баҳри мавлуди Набӣ ӯ хонумон
Сарф кардию бидодӣ ошу нон.
Толибони илмро мекард ҷамъ,
Мепарид парвонасон дар гирди шамъ.
Пас бидодӣ ӯ таому ҳам шароб,
Бениҳоят беъадад ҳам беҳисоб.
Буд дар ҳамсоягияш як ҷуҳуд,
З-оташи куфр чеҳрааш бенуру дуд.
Душмани дини Паямбар буд ӯ,
Кофиронро ҷумла сарвар буд ӯ.
Завҷааш рӯзе ба ӯ гуфт: Эй ҳалол,
Гӯш кун, аз ту бипурсам як савол:
Ҳар рабеъулаввал ин ҳамсоямон
Ҷамъ орад ҷумлаи хурду калон,
Бас зиёфат карда ҳам эҳсон кунад,
Ҷумларо мамнуни ошу нон кунад.
Аз чӣ бошад ин ҳама рафтори ӯ,
Хайру эҳсону ҳама атвори ӯ?
Шавҳараш гуфт: Эй нигори нозанин,
Гулъизорам, навбаҳорам, маҳҷабин,

Як Паямбар ҳаст, ки ӯ маҳбуби Ҳақ,
Фахри одам ҳасту ҳам марғуби Ҳақ.
Раҳматанлилъоламин гуфтаст варо,
Ҳам шафиъулмузнибин гуфтаст варо.
Ҷумла махлуқотро аълост ӯ,
Баҳри раҳмат аст, дур(р)и яктост ӯ.
Номи ӯ гуфта Муҳаммад Кирдугор
Дар каломи хеш, эй шириннигор.
Ҳам ба "Таврот" номи ӯ мазкур буд,
Дар "Забур" ҳам номи ӯ мастур буд.
Васфи ӯро низ "Инҷил" нотиқ аст,
Дар ҷамиъи қавл ӯ ҳам содиқ аст.
Номи ӯ бар номи Ҳақ гашта қарин,
Камтарини чокараш Рӯҳуламин[22].
Аз барои ишқи он сарвар ҷавон
Хайр созад моли худро беамон.
Кофира аз шӯй бишнид инчунин,
Хест гирён, оҳ гӯён аз замин.
Зан шунид тавсифи Пайғамбар чунин,
Дар алови шавқи ӯ шуд ҳамнишин.
Тоқаташ рафту намонд сабру қарор,
Дар дилаш афтод чандин изтирор[23].
Рафта-рафта оташи ишқаш фузуд,
Об рафт аз чашми ӯ монанди руд.
Рӯз бегоҳ шуд фурӯ рафт офтоб,
Рафт дар хилватсаро зору хароб.
Оҳу зорӣ карда андар нимашаб,
Ҳазрати Маҳмудро карда талаб.
Бо чунин аҳвол ӯ рафта ба хоб,
Ташнаи дидор будӣ беҳисоб.

Иттифоқо ногаҳон дар хоб шуд,
Бистараш аз ашки ғам гарқоб шуд.
Баъди хоб он оҷиза – бечораро,
Синаи бо теғи ғам садпорараро
Рӯй дод файзу футӯҳи бегумон,
Дид дар хоб ӯ Расули инсу ҷон.
Бо ҳама асҳоби худ он кони нур
Назди он бечора мекарданд убур.
Ӯ чу моҳу дигарон ҳамчун нуҷум
Ҷумла мекарданд дар он ҷо ҳуҷум.
Он заифа аз яке кард ин савол:
Кистанд ин сурхрӯ, некӯхисол?
Гуфташ, ки хотамуланбиёст он,
Боъиси эҷоди арзу осмон.
Ҳазрати Хайрулбашар бошад ҳамин,
Русиҳонро барад бар роҳи дин.
Чун зи авсофи расул бишнид сухан,
Шуд равон бошавқу завқ он сӯй зан.
Рафту аз шодӣ намуд бо ӯ салом,
Ҳам ҷавоби ӯ бигуфто он киром.
“Ё Расулуллоҳ!” бигуфту кард нидо,
Гуфтанд “Лаббайк” ба ӯ кони сафо.
Гиря карду гуфт: Канизам бар шумо
Хонумону ҷисму ҷон гардад фидо.
Гуфт бо ман гуфтед аз лутф ҷавоб
Бе таваққуф, эй шаҳи олиҷаноб,
Гуфт бо ӯ он имоми анбиё,
Мустафою муқтадою муҷтабо[24]:
Ноумеду пурғаму маҳзун машав,
Дил қавӣ дору дигар дилхун машав.

Рӯзе як мавлуди мо гӯш кардаӣ,
Ғайри мо дигар фаромӯш кардаӣ.
Назди Оллоҳ шуд қабул ин кори ту,
Лутфи Ҳақ бодо ҳамеша ёри ту.
Хилъати имон бидод бар ту Худо,
Ҳам биҳишти ҷовидон кардат ато.
Ин башоратҳо бидод он дам Набӣ,
Лаълу ёқуту шафоат маъданӣ.
Пас навозишҳо бикард, шафқат намуд,
Бо худ ӯро лаҳзае улфат намуд.
Боз талқини шаҳодат кард ба ӯ,
Роҳи имонро ҳидоят кард ба ӯ.
Гуфт дар ҷаннат ба мо ҳамроҳ ту,
Ҳақ Таъоло луфт созад, шоҳ ту.
Аҳд кард он зан бигуфто: Эй Ҳабиб,
Ҳар чизе Оллоҳ ба мо созад насиб,
Сарф намоям баҳри мавлуди шумо,
Хайру эҳсон мекунам бар ҳар гадо.
Ин бигуфту чашм бикшод ӯ зи хоб,
Буд аз шодӣ рухаш чун офтоб.
Ашк рехт бисёру гашт ӯ шодмон,
Ёфт ӯ аз дарду аз ҳасрат амон.
Номи Аҳмад бар забон-ш мазкур буд,
Нақши ӯ дар лавҳи дил-ш мастур буд.
Вақти хест аз хоб будӣ субҳидам,
Фурсати файзу футуҳу лутф ҳам.
Шавҳараш кард андар он ҳолат салом,
Дид зи шодӣ чеҳрааш моҳи тамом.
Кард савол аз зан: Чаро хурсанд ту,
Шод гашта сар ба сар пайванд ту?

Гуфт: Шаб дидам Расули ду саро,
Хоки пояшро ба чашмам тӯтиё.
Пеши ӯ гуфтам ба сидқам “Лоилоҳ...”
Боз “…ил-л-Аллоҳ” буд, Раббам гувоҳ.
Шавҳару зан ҳарду он шодон шуданд,
Ҳарду бо имону бо ислом шуданд.
Баҳри Ҳақ беҳад ибодат доштанд,
Ҳоли саллиллоҳ итоат доштанд.
Ҳар маҳи мавлуд ояд, ҳарду он,
Аз паи мавлуд мебуданд давон.
Ҳарду рафтанд дӯстон аз ин ҷаҳон,
Мисли гул хандону бо нури имон.
Ин саодат  боиси мавлуд буд,
Ин иноят ҷумла аз Маъбуд буд.

## Ҳикояти дигар

Боз як ширин ҳикоят мекунам,
Қиссаи ширин ривоят мекунам.
Як азизе буд марди покбоз,
Ҳар шабон мегуфт бо Оллоҳ роз.
Гуфт: Доштам ман яке ҳамсоязан,
Мисли золи чарх буд золи куҳан.
Солиҳа буду валийя обида,
Бериё мекард Ҳақро соҷида.
Тоаташ буд Ҳақро шому саҳар,
Оқибат рӯзе ба уқбо кард сафар.
Монд аз вай як нигини пурбаҳо,
Боз ӯро як писар буд дилсафо.

Ин ҷавонро монд мерос он нигин,
Сарф карданро надонист дилҳазин,
Рӯзгоре бас гузашт дар мулки ӯ,
Баҳри сарфи он нигин дар ҷустуҷӯ.
Ногаҳон рӯзе ба бозор кард гузар,
Ҷамъе дид он ҷо басе аз хайру шар.
Бас ҳуҷум кардаст он ҷо одаме,
Ҷамъ гашта андар он ҷо оламе.
Он ҷавон ҳам як илоҷе кард ҳамин,
Зуд даромад, шуд ба онҳо ҳамнишин.
Чун даромад, дид, ки халқ мавлудхон,
Баҳри маҳбуби Худои ломакон.
Он халоиқ ҷумла аз пиру ҷавон,
Ашк мерехтанд ба оҳу фиғон.
Ҷумла он дам масти мустағрақ шуда,
Ошиқи пайғамбари барҳақ шуда.
Он ҳама бо ҷону дил гуфтанд салот,
То ки ёбанд ҷумла аз Дӯзах наҷот.
Чун бидид ин ҳоли мардум сар ба сар,
Омаду хоб кард дар хона ин писар,
Шаб ба хобаш дид маҳшаргоҳро,
Дар даруни қаср гадову шоҳро.
Он замон гашта қиёмат ошкор,
Ошкор гашта ниҳони кору бор.
Ҷумла халқ бо кори худ овораанд,
Баъзе Ҷаннат баъзе Дӯзах мераванд.
Як тараф Фирдавс гашта ҷилвасоз,
Як тараф Дӯзах бувад сӯзу гудоз.
Ҳар ки бошад дар азал ӯ некбахт,
Ҷои ӯ Ҷаннат бувад бо тоҷу тахт.

Ҳар киро бошад зи бадбахтӣ асар,
Ҷои ӯ бошад Ҷаҳаннам, ё Сақар.
Андар ин ҳолат бидид қасри баланд,
Гум зи ӯ буд фикри занҷиру каманд.
Аз шуои нури ӯ гардида моҳ,
Чун шаби дайҷур шуд чеҳрасиёҳ.
Халқи бисёре ба ӯ дохил шуда,
Ҳуру ғилмонҳо ба ӯ восил шуда.
Ин ҷавон ҳам сӯи қаср бинмуд хиром,
То биёбад андар он қасраш мақом.
Як фаришта омаду роҳаш гирифт,
Гуфт: Ба ту раҳ нест! Дасташро гирифт.
Чун намонд ӯ қасрро дохил шавад,
Гуфт ин қаср аҳли Мавлудро бувад.
Ҳар ки мавлуди шафиъулмузнибин
Вирд созад, ёбад ин қасри барин.
Чун зи хоб бедор гардид он замон,
Хест аз ҷову бикард оҳу фиғон.
Он нигин бифурӯхт, бигрифт ӯ таом,
Хонд ба хона ҷумлае аз хосу ъом.
Хонданд мавлуди Ҳазратро тамом,
Гуфта ҳардам: “Ас-салоту ва-с-салом...”
Солҳо ин кор одат карда ӯ,
Моҳи мавлудро саховат карда ӯ.
То адо гардид умри он киром,
Андар ин рафтор карда эҳтимом.
Ногаҳон бемор гардид он ҷавон,
То ки гардид гулшани умраш хазон.
Он нафас, ки буд ҳангоми аҷал,
Хандаи бозавқ мекард он касал.

Андар он ханда ҳама хешу табор,
Гашта андар тавсани ҳайрат савор.
Як ҳакиме ҷустуҷӯ карданд, ки то
Ӯ намояд рамзи ин ашкол во.
Он фалотунпешае, луқмонманиш,
Ки бувад авҷи ҳазоқатро[25] куниш.
Омаду бигирифт раги беморро,
Боғи баҳҷатро[26], гули рухсорро.
Хандааш, – гуфт ӯ, – ба ҳангоми аҷал
Ҳаст аз лутфи Худои Ламязал.
Аз карам Оллоҳ бар ӯ карда назар,
Ҷилвагар гардида Ҷаннат дар басар[27].
З-ин сабаб дар вақти марг хандон бувад,
Чун ба ханда хотираш вайрон бувад.
Андар ин соат, ки ин навъ гуфтугӯ
Менамудӣ он ҳакими ростгӯ,
Баҳри маълум кардани сирри ниҳон
Ҷон ато бинмуд ба ӯ Рабби ҷаҳон.
Хест аз ҷояш, табассум менамуд,
Бо халоиқ ӯ такаллум менамуд.
Гуфт: Эй дӯстон, ҳама хуррам шавед,
Сирри махфии маро маҳрам шавед.
Он нафас, ки тан ҷудо гашта зи рӯҳ,
Руй дод бар ман басе файзу футӯҳ.
Ҷилвагар шуд ҷумла ҳурон дар барам,
Бас бипошиданд нурҳо бар сарам.
Ҳазрати пайғамбарам дидам аён,
Пеши ӯ сӯҳбат бикардам шодмон.
Ҳавзи Кавсарро ба ман ангоштанд,
Ғуссаи ғамро зи тан бардоштанд.

Подшоҳона ривоҷам додаанд,
Ҳам ба Ҷаннат тахту тоҷам додаанд.
Ҳам насибам шуд дидори Худо,
Баъди марг ёфтам ҷумла муддао.
З-ин сабаб аз ханда ҳастам дар шукуфт,
Ҳамчу гул мебоядам андар шукуфт.
Ин саодат боиси мавлуд буд,
Хондани мавлуд айни суд буд.
Баҳри мавлуд сарф намоед хонумон,
То ки дар уқбо бибошид шодмон.
Вирди худ мавлуд кунед, эй анҷуман,
То расед дар ганҷи мақсуд ҳамчу ман.
Ин суханҳоро бигуфту ҷон бидод,
Андар он қаср Ҳақ барояш ҷой дод.
Халқи бисёре шуниданд ин сухан,
Ошиқи мавлуд гаштанд марду зан.
Чанд сол ин кор одат доштанд,
Он ҳама ин муддао дарёфтанд.
Эй, ки бишнидед суханҳоро тамом,
Моҳи мавлудро намоед эҳтиром.
Гар бихоҳед лутфи Ҳақ эй хосу ъом,
Ҳар нафас гӯ ассалоту вассалом:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Пеш аз ҳама махлуқот ва мавҷудот нури он ҳазратро *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* офарид

Эй вуҷудат ёфта аз ақл зинате,
Кун дар ин маънӣ ту як дам рағбате.
Нур пошам чун, саропо гӯш бош,
Хотиратро ҷамъ кун, хомӯш бош.
Он замоне, ки Худои ломакон
Н-офарида буд замину осмон,
Ҷумла мавҷудот буданд ғарқи адам,
На Замон буд, на Макон, на Кайфу Кам[28].
Аршу Курсийю ҳам он Лавҳу Қалам
Буд андар кӯи нобудӣ ба ҳам,
Ҳам Биҳишт будӣ ба гулзори адам.
Ҳам, ки Дӯзах буд дар нори адам,
Чор унсурро нишон пайдо набуд,
Шаш ҷиҳатро достоне во набуд.
З-Одаму Ҳавво асар пайдо набуд,
Чоки гандумро ба сина ҷо набуд.
На Азозил рондаву мардуд буд,
На барояш нуҳ фалак масҷуд буд.
На ки Исрофил буд, на Ҷабраил,
На будӣ бар рӯзӣ Микоил вакил.
Қобизуларвоҳ худ як рӯҳ буд,
Бар рӯяш боби адам мафтӯҳ буд.
З-анбиё ҳаргиз хабар пайдо набуд,
Авлиёро низ асар пайдо набуд.
Зоти Ҳақ мавҷуд буду бассу бас,
Дигар ашё ҳамчу тайри филқафас.
Нури Аҳмадро зи нури худ Худо
Офарид он Холиқи арзу само.
Он муборак нури Сарварро Худо,
Ҳайси мошо кард[29] он гаҳ, эй ошно.

Бас иродат кард он дам Кирдугор,
Дар ҷаҳон зоташ намояд ошкор.
Бас ба қудрат Холиқи ҳар ҷону ҷисм
Кард он нури муборак чор қисм.
Халқ кард аз қисми аввал он Қалам,
Халқ кард аз қисми сонӣ Лавҳ ҳам,
Аз савум қисм он Худованди карим,
Кард пайдо худ ҳамон Арши азим.
Дар хабар будаст ин нақл, эй азиз,
Инчунин гуфтаст як аҳли тамиз:
Ҳақ Таъоло халқ кардӣ чун Қалам,
Буд пайванд сад дар он хома ба ҳам.
Байни ҳар пайванд буда роҳу мон,
Муддати панҷоҳ ҳазор сол бегумон.
Бас бишуд фармони Ҳақ, ки, эй қалам,
Сабт кун болои ин Лавҳ ту рақам.
Гуфт: Ё Рабб, чӣ нависам ман дар ин,
Чӣ тариқа ман ба фармонат қарин?!
Ҳақ бифармуд, ки Расулуллоҳро,
Он Муҳаммад – он Ҳабибуллоҳро
Сабт кун болои ин Лавҳ, эй қалам,
Ту ба ӯ зоҳир бигардон қурбатам.
Гуфт ин соат қалам: Эй Зулҷаллол,
Кӣ бувад ин ҳазрати соҳибкамол?
Гашт номи ӯ ба номи ту қарин,
Ҳам бувад зоташ ба зоти ту яқин.
Ин бувад номи кадом соҳибтамиз,
Пас варо иъзоз кардӣ, эй азиз?!
Ин тариқа даррасид фармони Раб(б),
Эй қалам, бисёр макун тарки адаб.

Ин бувад номи Муҳаммад, ҳам Ҳабиб,
Дар қазои ломакон бар ман қариб.
Аршу Курсийю Замину Осмон,
Он ҳама аз нури ӯ кардам аён.
Ҳам туро кардам бино аз нури ӯ,
Боз бисёри дигарро, дон накӯ.
Гар набуд ӯ, ҷумла ашё аз адам
Н-омадӣ берун зи манзил як қадам.
Гар набудӣ ӯ, намебудӣ Сипеҳр,
Гар набудӣ ӯ набудӣ Моҳу Меҳр.
Гар набудӣ ӯ, худамро ошкор
Ман намекардам ба дунё, зинҳор!
Чун қаламро он дам омад ин хитоб,
Ваҳм карду уфтод дар изтироб.
Аз виқори Эзади шони азим
Шақ шуда он дам қалам, эй аҳли дин!
З-ин сабаб то шақ нагардад гар қалам,
Кай тавонад нақш кардан як рақам?
Пас навишт он дам Расулуллоҳро,
Сабт кард бар Лавҳ Ҳабибуллоҳро.
Боз фармон кард он дам Кирдугор,
Эй қалам, бар амри ман бош устувор.
Сабт кун бар Лавҳ, – гуфт бо қудраташ,
Ҳукм кард бо ӯ басе бо ҳайбаташ.
Чӣ намоям сабт? – гуфт он дам қалам,
Кун ба ман таъйин, эй соҳибкарам!
Гуфт ҳар чӣ аз азал ман то абад,
Халқ хоҳам кард тамоми неку бад.
Ҷумларо бар лавҳ кун, мастур кун,
Хидмататро назди мо манзур кун.

Гуфт: Ё Рабб, аз кадомаш ибтидо,
Боз созам аз кадомаш интиҳо?
Гуфт: Бисмиллоҳи(р)Раҳмони(р)Раҳим
Нақш гардон, ки бувад исми азим.
Чун қалам он исмро таъзим кард,
Чун басе таъзиму ҳам такрим кард.
То ба ҳафтсад сол бинвиштӣ тамом,
Сарф кард бар вай беҳад иҳтиром.
Боз фармон шуд зи назди Кирдугор
Соз ин исмро ба лавҳ низ барқарор:
Аввалаш исми Ҷалоли[30] ман бувад,
Исми зоти баркамоли ман бувад.
Он яки дигар ки ӯ Раҳмон бувад,
Аз Раҳимам он яке бурҳон бувад.
Ман ҳам ин се номро ризқу насиб,
Кардаам бар уммати дӯстам Ҳабиб.
Ҳуш дор, огоҳ бошӣ, эй қалам,
Меҳӯрам бар зоти поки худ қасам.
Умматони он Ҳабиб ҳам марду зан –
Турку тоҷику ъараб ёшу кӯҳан
Гӯяд ӯ "Бисмиллоҳи(р) Раҳмони(р) Раҳим,
Ҷисми ӯро норасад нори ҷаҳим[31].
Рӯи ӯ равшан шавад чун офтоб,
Сабт шавад дар номааш ҳафтсад савоб.
Ҳафсади дигар зи ҷурму саййиот,
Маҳв гардад ёбад аз оташ наҷот.
Ҷурми ӯ бахшида, ҳам раҳмат кунам,
Ҷойи маъвои варо Ҷаннат кунам.
Гар талаб дорӣ зи ҳар як ғам наҷот,
Доимо гӯ ассалому вассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Кайфийяти эҷоду мумкинот ба сабаби нури Муҳаммад *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* ва баёни он

Боз пеши нур месозам руҷӯъ,
Лутф созад гар Худо субҳи тулӯъ.
В-аз чаҳорум қисм нӯш мекун чун шакар,
Нӯш хоҳад кард ҳама аҳли басар.
Ҳам бикард онро Худои ҷону ҷисм,
Қисми чорум нурро бар чор қисм.
Ки зи қисми аввал он Ҳайи карим,
Кард пайдо ҳомили Арши азим[32].
Қисми сонӣ дон, ки Курсӣ[33] шуд падид,
Ҳам зи сеюм дон малоик офарид .
Боз чорумро бикард ӯ қисм чаҳор,
Қудрати худро бикард Ҳақ ошкор.
Он ҷамиъи Осмон аз қисми як,
Шуд зи қисми ду Замин, эй марди ҳақ.
Шуд зи қисми се Биҳишту ҳам Ҷаҳим,
Инчунин кард ҳазрати Рабби ъазим.
Қисми чорумро бикард ӯ чор боз,
Ҳам ба қудрат он Раҳими чорасоз.
З-он зи аввал нури чашми мӯ’минон,
Халқ кард он ҳазрати Рабби ҷаҳон.

Ҳам зи сонӣ халқ намуд Ҷонофарин,
Нури қалби мӯ’минону мӯ’минин.
Қисми сеюмро падидор оварид,
Бас кароматҳо, ки изҳор оварид.
Нури чашмони Муҳаммад Мустафо
Кард зи қисми чор он Рабби уло.
Аз ҷамиъи халқ он нури Набӣ
Сесаду шаст ҳазор сол қабл, эй валӣ.
Олами арвоҳро махлуқ буд,
Зоти Ҳақро ошиқу маъшуқ буд.
Номи покашро Ҳабибуллоҳ гуфт,
Ҳам Халилу ҳам Расулуллоҳ гуфт.
Чун расад бар номи Аҳмад он калом,
Доимо гӯ ассалоту вассалом:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Дар баёни чароғи тасбеҳот ва таҳлилоте, ки он гавҳари якто дар ҳиҷобҳо ба ҷо оварид

Бишнавед боҳуш ин ҷамъи сухан,
Ҳар ҳуруфаш сад ҳазор дурри Адан.
Ҳақ Таъоло худ ба қудрат, эй ҷаноб,
Кард пайдо он замон дувоздаҳ ҳиҷоб.
Буд аввал пардаи қудрат, вале
Андар он сардафтари кулли Набӣ.
Гуфтааст дувоздаҳ ҳазор сол зикри Ҳақ,

Чун басе тавсифу ҳам тасбеҳи Ҳақ.
Аъзамиятро давом омад далел,
Андар он ҷо рӯҳи маҳбуби Ҷалил.
Будааст ёздаҳ ҳазор сол, эй киром,
Зокири Маъбуди мутлақ субҳу шом.
Пардаи миннат зи сеюм дон нишон
Андар он ҷо рӯҳи он шоҳи ҷаҳон.
Даҳ ҳазор сол гуфт тасбеҳи тамом,
Рӯҳи покашро бувад беҳад салом.
Пардаи чорум зи раҳмат карда во
Андар он ҷо рӯҳи поки Мустафо.
Кард дар ин ҷо нӯҳ ҳазор сол ёди Ҳақ,
Шуғли ӯ буд доимо авроди Ҳақ.
Ҳам саъодат панҷумин парда, вале
Кардааст мавҷуд он Рабби ғанӣ,
Ҳашт ҳазор соли дигар он кони нур
Кори ӯ тасбеҳу тақдиси Ғафур.
Пардаи шашшум каромат буд том,
Андар он ҷо рӯҳи он олимақом.
Ҳафт ҳазор сол андар он тасбеҳ кард,
Аз ҳама ашё дар ин тарҷеҳ канд.
Манзилат гӯянд ҳафтум пардаро,
Ҳам дар он ҷо он имоми анбиё
Шаш ҳазор сол гуфт ҳамду сано
Сарвари Олам Муҳаммад Мустафо.
Пардаи ҳаштум Худои ломакон
Карда аз нури ҳидоят пурфишон.
Панҷ ҳазор сол он имоми муттақин
Гуфтаанд тасбеҳи Раббулъоламин.
Пардаи нӯҳум ҳамон Ҷалли уло

Карда аз нури нубувват ҳам бино.
Андар он ҷо чор ҳазор сол он шафеъ,
Раҳматанлилоламин шоҳи Рафеъ
Доимо бар зикри Ҳақ машғул буд,
Ҷумла зикраш назди Ҳақ мақбул буд.
Ҳам даҳум парда зи нури рафъат аст
Халқ карда Холиқи болою паст.
Андар он ҷо се ҳазор сол сар ба сар
Зикри Ҳақро гуфт ҳар шому саҳар.
Пардаи ёздаҳ ҳиҷоби нур буд,
Боз дар чандин китоб мазкур буд.
Ду ҳазор сол андар он нури азиз
Буд дар зикри Худованд нуктарез.
Он ҳиҷоби дувоздаҳро, эй киром,
Карда аз нури шафоат эҳтимом.
Як ҳазор сол шуд дар он рӯҳи Расул
Зоти Оллоҳро бигуфт зикри қабул.
Эй ки меҳоҳӣ зи ҳар як ғам наҷот,
Доимо гӯ ассалому вассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Дар баёни тасбеҳот, ки аз даруни қандил дар шохи дарахти нахлулякин он ҳазрат *(саллаллоҳи ъалайҳи васаллам)* гуфтаанд

Баъд аз он он подшоҳи Лоязол

Офарид бар қудрати худ як ниҳол.
Номи онро монд ӯ Нахлуляқин
Ҳазрати Ғаффори Раббулъоламин.
Он дарахтро кард пайдо чор шох
Ҳар яке баргашт аз ин олам фарох.
Дар сари он шох Ҳаййи Ломакон
Барниҳод нури саодатошён.
Чил ҳазор сол андар он тастеҳ кард[34],
Аз ҳама ин корро тасҳеҳ кард.
Баъд аз он як ойина халқ кард Худо –
Моҳи осмони рисолатро Худо.
Амр кард, ки сӯи ӯ кун як назар,
Чун нигоҳ кард ҳазрати Хайрулбашар.
Акси худро дид сар то сар ҷамол,
Халқ кардаст он карими Зулҷалол.
Шукргӯён кард ӯ панҷ раҳ суҷуд,
Гуфт дар ҳар саҷдааш зикри Вадуд.
Буд дар ҳар саҷда сад сол он Ҳабиб,
Ёди Ҳақ мекард чандин буд насиб.
Баъд аз ёқути аҳмар Ҳақ Таъол
Халқ кард қандиле Ҳайи Лоязол.
Баъд аз он аз нур занҷир офарид,
Кард овезон бар он нахл ҳамчу шед[35].
Дошт он нури Ҳабибашро Илоҳ
Соли чанде андар он қандил нигоҳ.
Пас бикард фармон, ки номамро тамом
Зикр кун ин ҷо, эй маҳбубном!
Бо ризои Ҳақ ҳам он нури шариф
Кард манзил батни қандили латиф.
Зикри зоти Кибриё оғоз кард,

Хешро бо зикри Ҳақ дамсоз кард.
Ҳар кадомин ном ҳазор сол, эй азиз,
Кард такрор, эй рафиқи ботамиз!
Чун ҳама номро якояк ёд кард,
Номи Раҳмон  оқибат бунёд кард.
Ҳақ ба лутфи раҳматаш бар ӯ назар
Карду ҳам аз шафқаташ омад асар.
Чун зи Ҳақ шарм омадаш кони ҳаё,
Ҳамчу гавҳар рехт арақ сар то ба по.
Рӯҳи ҷамъи анбиё ал-мурсалин
Халқ кард аз ҳар арақ Рабби мубин.
Бас ба қандил кард ҳама арвоҳро,
Кард пинҳон ӯ худаш мифтоҳро.
Он замоне ки Расули инсу ҷон
Исми Қаҳҳор чун биёвард бар забон,
Ҳайбати Ҳақ шуд зи рӯи ӯ шафақ,
Андар ин ҳолат баровард бас арақ.
Аз арақҳояш он Ҷалли уло
Кард арвоҳи малоикро бино.
Аз арақҳои рухаш Шамсу Қамар,
Ҳам кавокиброро намуда ҷилвагар.
Ҳар арақ, к-аз сина рехт, Ҳақ кард падид
Рӯҳи аҳли илму солеҳ, ҳам шаҳид.
Офарид аз қатраҳои пушт ба ҳам
Байтулмаъмуру Муқаддас ҳам Ҳарам.
Аз арақҳои сараш ёфта субот
Рӯҳи ҷамъи мӯ’минину мӯ’минот.
Аз арақҳои миёни ӯ вуҷуд
Ёфт маҷусию насорию яҳуд.
Ҳар арақ аз пои маҳбуби Раҳим

Гашт пойдор ҳамчунон дурри ятим.
Ҳар чӣ пайдо кард дар ин олам Худо
Ҷумла з-он хаййи[36] муборак шуд бино.
Ҳар арақ, ки аз вуҷуди ӯ чакид,
Кард арвоҳро Худо аз ӯ падид.
Гашт боис он ки он Олимақом,
Ёфтааст аз Ҳақ Абуларвоҳ ном.
Чунки ҷумла рӯҳҳо ёфтанд вуҷуд:
Баъзеҳо монанди оташ баъзе дуд.
Ҷумларо таҳлилу тасбеҳ буд сабақ,
Баски таъҷил карда буданд амри Ҳақ.
Рӯҳи ақдасро бикарданд бехилоф
Як ҳазор сол андар он мавзеъ тавоф.
Аз Худованди ҷаҳон омад нидо:
Рӯҳҳо, он ҷо намоед саф бино!
Ҷумла бо фармони Ҳақ беқилуқол
Саф намуданд рост он ҷо айни ҳол.
Чор саф гаштанд рӯҳҳо инчунин:
Аввалин саф анбиёву мурсалин;
Дуввумин саф буд ҷамъи авлиё,
Ҷо ба ҷо гаштанд ҷамъи атқиё;
Гӯш андоз саввумин сафро сифот –
Ҷо гирифтанд мӯ’минину мӯ’минот;
Дар сафи чорум буданд куффорҳо,
Ҷойгир шуд мушрику бадкорҳо.
Ҷумларо дон, ки ба қудрат он Худо
Дошт нигоҳ он ҷо ба қадри мо яшо’,
Пас дар он вақте, ки Одамро Худо
Боз ҳангоме ки оламро бино,
Ҳар кадом бо навбати худ омада,

Ҳар чӣ фармон кард, мекарданд ҳама.
Гӯш доред бо дилу ҷон ин сухан:
Эй ки ҷамъ гаштед аҳли анҷуман,
Аз зуҳури нури Аҳмад босафо
То таваллуд ёфт Муҳаммад Мустафо,
Чанд гузашта моҳу солро, эй киром,
Кас надонад ҷуз Худованд, вассалом!
Гар бихоҳӣ мешавӣ аз ғам наҷот,
Мефиристӣ бар набӣ ту ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Савол кардани ҳазрати расули акрам аз ҳазрати Ҷабраил, ки соли Шумо ба чанд расид ва ҷавоб шунидан аз он кас

Як ривоят ҳаст рӯзе он Набӣ
Гуфт бо Ҷабрил: Гӯш дор, эй ахӣ,
Буданатро халқ шуд чанде зи сол?
Ин тариқа гуфт Ҷабрил дар савол:
Ман намедонам, аё дӯсти Илоҳ,
Аз сарам бигзашт чандон солу моҳ.
Лек андак илм пайдо кардаам,
Андаке аз рамз иншо кардаам.
Кардааст пайдо Худованди Карим
Дар қафои Арш як нури азим.
Ҳар сари ҳафтод ҳазор сол, эй Расул,

Нур зоҳир мешавад, бинмо қабул.
Аз замоне халқ гаштам то кунун
Дувоздаҳ ҳазор бор гашта бурун.
Боз пурсиданд маҳбуби Ҷалил:
Он чӣ хел нур будааст, эй Ҷабраил,
Ҳеҷ донӣ моҳияташ инчунин?
Не! бигуфта дар ҷавоб Руҳуламин.
Гуфт Пайғамбар, ки он нури ман аст,
Доимо манзури Ҳақ аст, эйман[37] аст.
Эй ки мехоҳӣ зи ҳар як ғам наҷот,
Доимо бо ишқу дард гӯ ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Баёни нишонаи ҷисмонии он ҳазрат
*(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)*

Он замон, ки кард хоҳиш Кирдугор,
То намояд рӯҳи Аҳмад ошкор.
Ҷабраилро амр кард Рабби кабир,
Ҳар чӣ гӯям, амри ман дар зеҳн гир!
Дар замин рав, ҷустуҷӯ кун ҷои пок,
Зуд бирав ин ҷо, расон як мушти хок.
Амри Ҳақро чун шунид Рӯҳуламин,
Бо малоик рӯй овард бар Замин.
Бар Замин ором гирифтанду қарор,
То ки дарёбанд ризои Кирдугор.
Ҳар тараф кофтанд замини покро,

Бас биёфтанд равзаи Лавлокро.
Чунки он равза зи ҳар ҷо пок буд,
Дафнгоҳи хоҷаи афлок буд.
Қабзае аз хок гирифт ҷамъи малак,
Боз ба парвоз омаданд сӯи фалак.
Бас ба Ҷаннат рафт он дам Ҷабраил,
Ҳам расонид хокро бар Салсабил.
Салсабилу Кавсару тасним ҳам,
Шустушу карданд, басе таъзим ҳам.
Пок карданду бигаштанд ҳафт само,
Ҳафт заминро ҳам бигаштанд сар ба по.
Бар ҳама он хокро таърифкунон,
Шаъну шавкатҳои ӯ тавсифкунон.
Бар ҳама маълум карданд сарбасар,
К-ин бувад дар назди Оллоҳ мӯътабар.
Боз оварданд наздики Худо,
Ҷумла бинмуданд ин хизмат адо.
Бас ҳамон хоки назокатҷӯшро,
Раҳмати иззу шарафоғӯшро
Ҳақ ба дасти қудраташ тахмир кард,
Бас аҷоиб хуб як тасвир кард.
Шакл карду номи ӯ Одам бигуфт,
Ҷилвагоҳи сарвари Олам бигуфт.
Он муборак нурро Парвардигор,
Кард дар пешонай Одам барқарор.
Рӯзгоре буд дар Одам ҷилвагар,
Охир аз Ҳавво бикард он нур асар.
Баъд аз он бар Шис кард нур интиқол,
Буд андар Шис чандин моҳу сол.
Қисса кӯтаҳ чанд аз модар падар

Ёфт з-он нури муборак зебу фар(р).
Пас ба Иброҳим-пайғамбар расид,
Ҷилвагар шуд нури поки он Ҳабиб.
Баъд аз он он нури саодатошён
Бар Забеҳуллоҳ бигзашт бегумон.
Боз чандин анбиё карда гузар,
Асфиёву атқиёро кард назар.
Чун ба ин тарз шуд мислаш ин гуҳар,
Бас садафҳо ёфт аз вай зебу фар.
Ҳар киро бошад насиб з-ин нур агар,
Ӯ бувад дар байни мардум мӯътабар.
Нур нагзаштӣ ба ҳар як булҳавас,
Ҳам наяндохтӣ назар бар хору хас.
Охир он дурри дарёи шараф,
Кард зоти Абдулмуталлибро садаф.
Хоҳиши Ҳақ буд ба гирдобаш мақом,
Чеҳраашро кард мунаввар он киром.
Эй шафоат хостгор, он хосу ъом:
Доимо гӯ ассалоту вассалом:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Муноҷот кардани Абдулмуталлиб дар хонаи Каъба ба умеди фарзанд

Як чароғи гӯшаи идроку ҳуш,
Буда дар базми сухан чун шӯълаҷӯш.
Яъне ин навъ кардааст қисса баён:

Чун ба тақдири Худо, эй дӯстон,
Як шабе Абдулмуталлиб, он киром,
Кардааст бар чашми худ хобро ҳаром.
Хесту сӯи Каъба рафт як нисфи шаб,
Бас тавозӯъҳо бикарду бас адаб.
Баҳри Ҳақ беҳад муноҷотҳо бикард,
Андар он ҷо бас риёзотҳо бикард.
Аҳд кард бо Ҳақ бигуфт: Эй Подшоҳ,
Ё Кариму ё Раҳиму ё Илоҳ!
Як писар аз баҳри ман созӣ ато,
Мекунам қурбон ба ту, ё Раббано!
Ин сухан мегуфту мекард ӯ фиғон
Ҷадди бузургвори султони ҷаҳон.
Пас Худо бар вай иноятҳо намуд,
Як ҷигарбанде ба вай эҳдо намуд.
Пас ниҳодандаш Абдуллоҳ ном,
Ӯ бувад ганҷи рисолатро мақом.
Ӯ бувад фонуси шамъи нури зот,
Ӯ бувад вайрони ганҷи мӯъҷизот.
Матлаъи субҳи саодатро ӯ бувад,
Маҷмаъи нури ҳидоятро ӯ бувад.
Чунки Абдулмуталлиб, яъне падар,
Ҷабҳаи фарзанди худро кард назар.
Чун бидид шамси самовоти сутӯъ[38],
Карда дар субҳи ҷабини ӯ тулӯъ.
Чун бидид дар рӯи ӯ ин офтоб
Мисли зарра дар дилаш шуд изтироб.
Дар муҳаббат мисли чарх шуд беқарор,
Ашкҳо мерехт чу оби навбаҳор.
Ончунон меҳраш фузуд андар писар,

Як қадам ҳаргиз намондӣ дуртар.
Бас бидид вайро зи ҳар фарзанд зиёд,
Менамуд бар вай неку эътиқод.
Бас пушаймон шуд бар аҳде, ки буд,
Дил парешон, дида гирён ҳамчу рӯд.
Бас бикард фикру хаёлоти дароз,
Доимо ӯ буд дар сӯзу гудоз.
Бас надоматҳо бикард синакабоб,
Дар чунин ҳолат шабе ӯ шуд ба хоб.
Қоиле дар хоб гуфташ, эй фалон,
Бас машав андӯҳноку бозиён.
Ту бикун бар ҷони ӯ ҷони дигар,
Кун барои Ҳақ қурбони дигар.
Ҳақ варо хоҳад қабул кард бехилоф,
Ин писар бар ҷой монад бегазоф.
Ин шунид Абдулмуталлиб сар ба сар,
Хест аз хобаш дар вақти саҳар.
Аз чунин хобаш хурсанд шуд дилаш,
Чунки ҳал гардид охир мушкилаш.
Лек намедонист, киро қурбон кунад,
Хуни кӣ иваз ба ҷои ҷон кунад?
Боз рӯзе чашми ӯ рафта ба хоб,
Қоиле гуфташ яке неку ҷавоб:
Ин канизак аз баҳри фарзанд филҳол
Бинмо озод, эй неку, фархундафол.
Ин шавад аз баҳри вай бешак бадал,
Ин бувад ҳукми Худои ламязал.
Он саҳар бархост аз ҷо шодком,
Сад каниз озод бинмудӣ тамом.
Ин ҳама шуд баҳри Абдуллоҳ фидо,

Ин писар мақбули даргоҳи Худо.
Аз аҷал монданд варо андар камин,
Гашт боъиси нури хатмулмурсалин.
З-ин сабаб худро бигуфт, эй некном,
Ман бувам Ибни Забеҳайн, эй киром!

## Ҳодисоте, ки баъд аз таваллуди Абдуллоҳ зоҳир гашт

Чунки Абдуллоҳ яъне кони нур,
Қиблагоҳи дӯсти он Рабби ғафур.
Чун ба маҷлисгоҳи дунё зад қадам,
Партави нураш гирифт олам ба ҳам.
Ҷабҳаашро нури хуршеди ҷаҳон
Мисли баҳри нур мебуд дар аён.
Қиблагоҳаш тарбият мекард варо,
Баски беҳад марҳамат мекард варо.
Чун балоғатро қадам ранҷида кард,
Ҳуснаш ақсои ҷаҳонро дарнавард.
Ҳар замонаш мефузуд ҳусну ҷамол,
Авҷи ҳуснро гашта моҳи баркамол.
Ҳеҷ кас ин хел малоҳатро надид,
Инчунин ҳусну сабоҳатро надид.
Ҳар зане буд аз Қурайш: барнову пир,
Ҷумла гардиданд вайро дилпазир.
Шефтаи моҳи ҷамоли ӯ шуданд,
Бохтаи нозукниҳоли ӯ шуданд.

## Баёни шаҳид шудани Яҳёи набӣ

*(ъалайҳиссалом)*

Нақл аст, ки чанд ахбори яҳуд,
Душмани Ҳайи тавонои вадуд.
Ҷамъашон дар шаҳри Шом буд барқарор,
Дини ботилро намуда пойдор.
Буд дар он ҷо як дебои ҳарир,
Дар сафедӣ мисли шир буд беназир.
Лек он вақте ки Яҳёи Набӣ,
Хуни ӯ рехтанд он ҷамъи шақӣ[39].
Яъне кофирҳо Яҳёи расул
Қатл карданду ба Ҳақ шуд ӯ вусул.
Он ҳарир дар хуни ӯ буд мол-мол,
Дар миёни он ҷуҳудон моҳу сол.
Он сияҳруён ба Таврот дидаанд,
Инчунин рамзе аз он фаҳмидаанд:
Ҳар замоне, ки ба тақдири Худо
Хун равад аз он ҳарири дилкушо,
Яъне хуни Ҳазрати Яҳё равад,
Боз гардад ҳолати асл, эй валад,
Боз гардад ҳолати асли сафед,
Ҳеҷ нанмояд бар ӯ хуни шаҳид.
Он замон мавлуди Абдуллоҳ бувад,
Вақти залли[40] ҷумлаи гумроҳ бувад.
Чун таваллуд ёфт Абдуллоҳ агар,
Бас аз ӯ пайдо шавад зебо писар.
Номи волояш Муҳаммад мешавад,
Бар ҳама олам саромад мешавад.
Дину оини насорову яҳуд,
Миллати ҷумла музаллини ануд,
Бартараф гарданд аз ӯву хор ҳам,

Аҳли kуффор мешаванд афгор ҳам.
Ҳар ки ӯро нури шаръ оин бувад,
Раҳрави суннат бувад, бодин бувад.
Пешвои дигар уммат гар шавӣ,
Он ҷавори баҳри раҳмат мешавӣ.
Пас аз ин мужда залолатпешаҳо –
Халқи бадфарҷоми бадандешаҳо
Мазраи дилро зи тухми душманӣ
Коштанд он ҷумлаи аҳриманӣ.
Қасд карданд ҷумла, Абдулло агар
Қиблагоҳи ҳазрати Хайрулбашар
Тай кунад дашту биёбони адам,
Гар бимонад сӯи ин дунё қадам,
Яъне он бӯстони давлатро шаҷар,
Боғи нахлистони иззатро самар,
Бас тароватҳо кунад, сар баркашад,
То гули раҳмат зи вай сар бар кашад.
Карда то маҳкам ҳанӯз ӯ решаро,
Мезанем бар решаи ӯ тешаро.
То ки дину мазҳаби деринамон
Роҳу расму суннати пешинамон
Боз дар ҷояш бимонад барқарор,
То даме гардад қиёмат ошкор.
Ин сабаб буд он гурӯҳи бадгуҳар
Ҳардаме андохта бар дебо назар.
Чун бididанд рӯзе он дебоҳарир,
Хун бирафта з-ӯ, бимонда ҳамчу шир.
Бас бидонистанд, ки Абдуллоҳ – он
Қиблагоҳи сарвари ҳар ду ҷаҳон
Рӯ ниҳодаст аз адам сӯи вуҷуд,

Гашта ғамгин он ҳама аҳли яҳуд.
Пас аз ин бигзашт чандин солу моҳ,
Мунтазир буданд ҷумла рӯсиёҳ.
Будаанд рӯзе ба Шом куффорҳо,
Русиёҳу кинадор фуҷҷорҳо.
Дар забоншон зикри Абдуллоҳ буд,
Он сияҳшабҳо ба фикри моҳ буд.
Чанд адад савдогарон – аҳли Қурайш
Рӯ ниҳоданд сӯи Шом аз баҳри айш.
Он сияҳдидору бадфарҷомҳо,
Соҷидалавсону валасномҳо.
Омаданду дар Қурайш гӯё шуданд,
Ҳоли Абдуллоҳ аз он ҷӯё шуданд.
Бас бигуфтанд, эй Қурайшӣ одамон,
Доимо бошед ба Макка дар амон!
Карда аз Абдулмуталлиб пурсуҷӯ,
Боз ҷӯён гашта аз фарзанди ӯ.
Гуфтанд: Оре, биёфт ӯ як писар,
Ҳусни ӯ шарманда кард шамсу қамар.
Номаш Абдуллоҳ, сурат инчунин,
Аз ҳама одам бувад ҳуснаш барин,
Дорад ӯ дар ҷабҳа нури ошкор,
Ҷумлагӣ дар орзуяш дилфигор.
Гуфтанд аҳбор[41]: Эй туҷҷорҳо,
Бишинавед аз мо аҷаб ахборҳо:
Он намоён нур – нури Мустафо:
Гавҳари ноёби маҳбуби Худо.
З-ӯ таваллуд ояд он мақсуди Ҳу,
З-ӯ биёбад ҳарду олам обрӯ.
Ин сухан бишнуда он савдогарон,

Бас қасам хӯрданд, во карда даҳон.
Кӣ қасам бар он Худованди Карим
Ҳар чӣ мегӯянд ин аҳли ҷаҳим
Рост аст, албатта бешакку гумон,
Кӣ зи Абдулло шавад нури ҷаҳон.
Чун ба таққиқ он ҳама аҳбори Шом
Ёфтанд ахбор зи Абдуллоҳ тамом.
Аҳду паймон карда пас ҳафтод тан
Рост карданд қуввату асп, пираҳан.
Ҷумла хоҳем рафт Байтуллоҳро,
То ҳалок созем Абдуллоҳро.
Ин хаёлоти фасодолуд ба сар
Он яҳудони хабиси бадгуҳар
Роҳи Байтуллоҳ ба худ карданд азм,
Қатли Абдуллоҳ ба худ карданд назм.
Шаб ҳамерафтанду рӯз андар камин,
Тай намуда кӯҳу саҳро инчунин.
То ниҳон сарманзили ин муддао
Тай кунанд, мақсудашон гардад раво.
Инчунин рафтанд чанд шому саҳар,
То ба гирди Каъбашон афтод гузар.
Пас нарафтанд шаҳр, дар саҳро шуданд,
Як паноҳӣ ҷо гирифтанд, ҷо шуданд
Пас нигаҳ доштанд фурсатро ҳанӯз,
Шаб ба гашт буданд, дар ором рӯз.
То ки танҳо сайди мақсадро кашанд,
Муддао ҳосил шавад, ӯро кушанд.
Рӯзу шаб бигзашт онҳо дар камин,
Дар миёни кӯҳ буданд ҳамнишин.
Рузе Абдуллоҳ бо азми шикор

Шуд равон бар аспи худ гашта савор.
Чун дар он водӣ, ки он сайёдҳо,
Яъне он куффори бадбунёдҳо
Манзилу маъвои худ карда дигар,
Карда ин сайёд он манзил гузар.
Яъне мекард ӯ дар он манзил шикор,
Ногаҳон гардид ба он мардум дучор.
Ногаҳон қавми фасодоғӯшҳо,
Бахти нофарҷомаро оғӯшҳо.
Дида Абдуллоҳро сар то ба по,
Ҳам аз ӯ мақсуд аён, ҳам муддао.
Тунду бодосо ҳама асп тохтанд,
Дар миён ӯро чу меҳвар сохтанд.
Муддаошон буд тани бесар кунанд,
Мурғи рӯҳашро ҳама бепар кунанд.
Теғ аз ҳар сӯ барандохтанд,
Қасди ӯ карданду бар вай тохтанд.
Ногаҳон он вақт Ваҳаб ибни Маноф
Ҳозир омад ӯ ба ҳангоми масоф.
Чун бидид ин ҳол, омад дар ғазаб,
Пас ба чандин ёр бар асп дод адаб.
Қасди қатли душмани он нур кард,
То ки ҷон буд дар баданшон, зӯр кард.
Андар ин ҳолат зи осмон фавҷ-фавҷ
Зумрае омад, ки буд ҳам ҷӯши мавҷ.
Мисли одам нестанд, чун марду зан
Нафсу шаҳватро набошад пойбанд.
Бар касофатҳои бад он тоифа
Ҷумла оварданд чун барқ хотифа[42].
Ҷумлагӣ бар хоку хун яксар шуданд,

Охирӣ афтода хокистар шуданд.
Чун Ваҳаб худ дид ин асрорҳо,
Он мадад, к-аз ғайб расида корҳо.
Ишқи Абдуллоҳ ба вай карда асар,
Бетаваққуф шуд ба хона раҳсипар.
Аҳли байте дошт Барра ном ӯ,
Буд беҳад мушфиқу дилдори ӯ.
Гуфт бар вай: Меҳрубонам, дилбарам,
Сӯи Абдулмутталлиб мемон қадам.
Гӯяш аз ман беҳисоб арзу паём,
Бениҳоят арзи ихлосу салом.
Баъд аз он гуй, эй Қурайшро подшоҳ,
Ҳаст дар мо авҷи осмониву моҳ.
Бар вай Абдуллоҳро якҷоя кун,
Моҳро бо шамс ту ҳамсоя кун.
Гар қабул гардад бар вай ин сухан,
Бетаваққуф сӯи ман ой, гулбадан.
Ин суханро зан зи шавҳар чун шунид,
Сӯи Абдулмутталиб омад, расид.
Омаду бар вай салом кард аз Ваҳаб,
Баъд аз он аз муддао бикшод лаб.
Яъне ҳар чизе бигуфт бар вай Ваҳаб,
Арз кард бар вай яккояк ғунчалаб.
Гуфт Абдулмутталиб, эй хушқадам,
Хуб наку кардӣ ту изҳори карам.
Ман қабул кардам, қабул хоҳӣ агар,
Ҳаст дар ту духтару дар мо писар.
Писарамро ҳаст муносиб духтарат,
Муддаои мо бувад он гавҳарат.
З-ин суханҳо шуд Барра дар тараб,

Пас зи хурсандӣ давид сӯи Ваҳаб.
Ҳар сухан Абдулмуталлиб гуфта буд,
Ҳарф ба ҳарфаш ҷо ба ҷо бар ӯ намуд.
Шодмон аз ин сухан гардид Ваҳаб,
Баъд аз он асбоби туй карданд талаб.
Чун фароғат ёфтанд аз шуғли тӯй,
Бар чароғи дида оварданд рӯй.
Омина, яъне ҳамон маҳбубаро,
Духтари маҳбубаи марғубаро.
Баҳри Абдуллоҳ бинмуданд акд,
Ҳам ба ҷо оварда ҷумла шарти акд.
Бас қариб омад, ки нури аҳмадӣ,
Ин ҷаҳон равшан кунад аз торикӣ.
Эй ки мехоҳӣ зи ҳар як ғам наҷот,
Доимо бо сӯзи дил гӯ ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Дар баёни аҷоиботе, ки баъд аз як ҷо шудани он ду гавҳари якто аз пардаи адам ба чаҳор сӯи вуҷуд омада

Чунки он ду нури раҳматро макон,
Гавҳару ёқуту қурбат ҳар ду он.
Яъне Абдуллоҳу Омина ба рахт,
Ҳар дувон машғул шуданд дар шоми бахт.
Чун зи нури ҳардувон шоми зифоф,

Равшан он миқдор рашки субҳи соф.
Дӯстон дар шодӣ, аммо душманон
Гулшани умраш зи ғам гашта хазон.
Чун гузашт дар ин миёна рӯзгор,
Рӯзгори айшу ишрат ошкор.
Қисса кӯтаҳ чунки нури сармадӣ,
Шӯълаи шамъи вуҷуди Аҳмадӣ.
Пас зи Абдуллоҳ чун бе қилу қол
Сӯи Омина бикард нур интиқол.
Кард дар он шаб чанд ҳодиса зуҳур,
Фаҳм кард ин сӯ малак, он сӯ туюр.
Дар замин ҳар ҷо ки буд бутхонае,
Он замон гардид ҳама вайронае.
Ҷумла бутҳо хам шуда карданд суҷуд,
Гашта ҳайрон, ҷумла аъдову вадуд[43].
Ҳам бубастанд зумраи Шайтон ба банд,
Ҷумларо карданд як-як пойбанд.
Пас бишуд тахти Азозил сарнагун,
Пора-пора шуд намонд асли бутун.
Асли Шайтонро ба дарё дохтанд,
Баъд аз он чи чил рӯз азобаш сохтанд.
Аз миён бигрехт Иблиси лаъин,
Буқубайс рафту гирифт он ҷо камин.
Чашму сарро мезадӣ бар кӯҳу санг,
Мехарошидӣ ба нохун рӯву ранг.
Лашкараш фарёди ӯ карданд гӯш,
Ҷумла бар вай гирд гаштанд бо хурӯш.
Бар гурӯҳи худ бигуфт малъуни шум:
Хуш бувад бар аҳли Иблис марги шум.
Андар ин соат Муҳаммад дар замон

Ояду бешак бигирад ӯ ҷаҳон.
Дини ботил нест гардад аз ҷаҳон,
Ҷамъи халқ тоат кунад Ҳақро ҳамон.
Нури тавҳид андар ин зулматсаро
Равшаної бахшаду ёбад сафо.
Равнақи ӯ рӯз бар рӯз гардид зиёд,
Рафта-рафта банд шавад роҳи фасод.
Ҷумла инсу ҷинс бар ӯ гардад мутеъ,
Рутбааш аз Арш ҳам гардад рафеъ.
Бас надоматҳо бикард малъуни бад,
Нолаву афғон баровард беадад.
Ҳам зи кораш монд он рӯз коҳинон,
Ҳам зи ҳуш беҳуш гашта соҳирон.
Боз чандин мӯъҷиза гардид аён,
Бас дароз гардад сухан, созам баён.
З-ин миёна панҷ моҳи баркамол
Ёфт Абдуллоҳ ҳам то ки завол.
Баъд аз он чор моҳи дигар шуд тамом,
Шуд ҳама маҷмӯъ нӯҳ моҳ, эй кином.
Нӯҳумин моҳ чун тамом шуд, эй ҷавон,
Он рабеъулаввал омад дар нишон.
Буд душанбеи дувоздаҳум зи моҳ,
Шуд таваллуд он шафоатхоҳ чу моҳ.
Гар бихоҳӣ мешавӣ аз ғам наҷот,
Доимо гӯ ассалому вассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## ҒАЗАЛ

Марҳабо, эй сарвари ҳар ду ҷаҳон,
Саййиди олам Расули инсу ҷон.
Марҳабо, эй подшоҳи коинот,
Маснадорои замину осмон.
Марҳабо, эй роздони қурби Ҳақ,
Маҳрами ишратсарои ломакон.
Марҳабо, эй Раҳматанлилъоламин,
Шофеъи аҳли гуноҳи осиён.
Марҳабо аз гулшани раҳмат гуле,
Бӯстони қурбро сарви равон.
Марҳабо, эй дар раҳи меъроҷи ту
Арши аъло шуд камина остон.
Марҳабо, эй булбули боғи Биҳишт,
Шоҳбози қудси қурбатошён.
Марҳабо, эй манзилатро чашмае
Баҳри қурбатро шуда оби равон,
Марҳабо, эй дурри поки зоти ту,
Баҳри раҳматро бувад дурри гарон.
Марҳабо, эй нури шамъи дини ту
Хонаи хуршеди қалби мӯ’минон.
Марҳабо, эй садқаи хоки раҳат,
Ҳуру ғилмону биҳишти ҷавидон.
Ё Расулуллоҳ қасди Хилватӣ,
Он ки дар роҳи ту бозад хаста ҷон.

## ҒАЗАЛИ ДИГАР

Дар дайри фано нури Худо, хуш омадед!
Мабдаи нуру зиё, кони сафо, хуш омадед!
Шӯълаи шамъи рисолат партави хуршеди қурб,
Ахтари бурҷи нубувват Аҳмадо, хуш омадед!
Дар шаби Меъроҷ то бар ту фиристоданд бурок,
Тӯтиёи чашми қудсиён, шаҳо, хуш омадед!
Дар мақоми иззати маснаднишини подшоҳ
Шаҳсавори боргоҳи Кибриё, хуш омадед!
Бадри тобони сипеҳри олами анвори Ҳақ
Андар авҷи чархи сафват шамсуззуҳо, хуш омадед!
Машъали шоми замину шамъи фонуси фалак,
Яъне меҳри анвари арзу само, хуш омадед!
Бурҷи дарёи шафоат, ҷӯши баҳри марҳамат,
Кони шафқатро чу лаъли пурбаҳо, хуш омадед!
Пешвои кулли халқу раҳнамои ҷузву кул,
Муқтадои мурсалину анбиё, хуш омадед!
Сайиди авлоди Одам, хотами пайғамбарон,
Подшоҳи ҷумлаи халқи Худо, хуш омадед!
Хилватии русиёҳу умматони осиро
Дар шафоатгоҳи маҳшар саййидо, хуш омадед!

Номи Аҳмадро шунидӣ, эй ғулом,
Гӯй ҳар дам ассалоту вассалом:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**

**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

**Воқеоте, ки шаби таваллуд ба зуҳур омадааст**

Он шаби мавлуд чандин воқеот,
Руй дода бениҳоят мӯъҷизот.
Андаке аз вай ҳикоят мекунам,
Шаммае арзи ривоят мекунам.
Омина гуфто, ки фарзандам расул,
Сарвари олам, шафиъи ҷузву кул(л)
Дар шаби мавлуд замину осмон
Шуд мунаввар мисли хуршеди ҷаҳон.
Баъд аз он мурғи сафед омад зи бом,
Омаду дар пеши ман бигирифт мақом.
Ҳам зи ғайб як тоифа пайдо шуданд,
Ҷумлагӣ чун ошиқи шайдо шуданд.
Дар қадаҳ доданд бар ман шарбате,
Меҳрубониҳо намуда шафқате.
Ташнагиям дафъ шуд аз нӯши ӯ,
Беқарорӣ рафъ шуд аз нӯши ӯ.
Он замон якчанд занҳо ки ҳамаҳ,
Осмони ҳуснро рухсора маҳ.
Омаданду пеши ман оростанд,
Аз такаллум анҷуман оростанд.
То ки фарзандамро бизоям он замон,
Баҳри хизмат ҷумла барбастанд миён.
Аз барои доягӣ эҳсон ҳама,
Аз фараҳ гашта чу гул хандон ҳама.
Дода бар ман аз башоратҳо хабар,

Ҳам башорат ҳам ишорат он қадар:
Омина бар ту муборак имшабат,
Лутфу эҳсони таборак имшабат.
Ки шавад аз ту таваллуд як писар,
Чеҳрааш бошад ба хубӣ чун қамар.
Марҳами Ҳақ бошад андар ломакон,
Ҳеҷ надида инчунин чашми замон.
Андар ин ҳолат ба сӯи осмон,
Гаштаму дидам чанд сирри ниҳон.
Пардае дидам, дебои ҳарир,
Дар сафедӣ буд бе мислу назир.
Дар бузургӣ он ҳарири дилнишин
Баргирифта осмонро то замин.
Як нидо омад: Кунед вайро ниҳон,
То Муҳаммадро набинад инсу ҷон!
Андар он лаҳза зи сӯи осмон
Як гурӯҳи мурғ омад нурфишон.
Карда аз зумруд Худованд инчунин
Бо ҳама минқор сабзу дилнишин.
Буд аз ёқути сурхшон болу пар,
Инчунин ёфтанд аз Ҳақ зебу фар.
Андар ин соат Халлоқи ҷаҳон
Кард аён бар ман басе сирри ниҳон.
Шарқ то Ғарб ҷумлаи рӯи замин
Ҷилвагар шуд дар нигоҳам Руму Чин.
Ногаҳон пайдо бигардид се алам,
Ҳар чӣ таърифаш бигӯям, ҳаст кам.
Як алам барпо ба Машриқ доштанд,
В-он дигар бар Мағрибаш афроштанд.
Як алам бар боми Каъба пойдор,

Ҷумлагӣ бар номи Аҳмад ошкор.
Он ҳама занҳо, ки карданд анҷуман,
Ҳамчу парвона бигаштанд гирди ман.
Он замон гардид таваллуд Аҳмадам,
Ҳам Муҳаммад, ҳам ҳабибам, сармадам[44].
Чун таваллуд ёфт, омад дар вуҷуд,
Бетаваққуф кард бар Оллоҳ суҷуд.
Кард ангушташ ба сӯи осмон,
Он замон як пора абр гардид аён.
Бурд он абр Муҳаммадро ниҳон,
Ман бимондам гиряю зорикунон.
Як нидо омад ба гӯшам инчунин:
Модари Аҳмад машав бисёр ҳазин!
Гар ҷигарбандат ба амри он Илоҳ
Бурд абру кард пинҳон аз нигоҳ.
Мақсадаш ин аст, ҳама атрофро
Сайр гардонад ҳама акнофро.
Бар ҳама ному сифоту сураташ,
Ҳам саропо шаклу ҳусну сираташ.
Менамояд бар ҳама манзур ӯ,
Ҷумла оламро кунад пурнур ӯ.
Боз биспорад ба ту, дилҷамъ бош,
Баъд аз он парвонаи он шамъ бош.
Ин нидо бигзашт, халлоқи ҷаҳон
Ҳукми ӯ шуд, боз абр омад аён.
Баъд аз он он абр гардид нопадид,
Шуд падидор баъд дебои сафед.
Буд он дебо мулоим аз ҳарир,
Ҳам будӣ хушбуй чун атри абир.
Андар ӯ печонда буданд ин писар,

Иззату икроми ӯ шуд дар назар.
Боз пайдо гашт як абри калон,
Абри испеду бузурге ҳамчу кон.
З-ӯ нидои одамон омад ба гӯш,
Ҳам садои ҷонварон омад ба гӯш.
Ин нидо омад ба гӯшам дам ба дам,
Ки Муҳаммадро Карими зулкарам
Сафвати Одам бар ӯ эҳсон бикард,
Риққати Нӯҳро бар ӯ меҳмон бикард.
Хилъати Иброҳимаш дод, шод кард,
Лафзи Исмоил ба ӯ дод, ёд кард.
Ҳусни Юсуфро иноят кард бар ӯ,
Савти Давудро каромат кард бар ӯ.
Лутф кардаш ҷуду эҳсони Масеҳ,
Чеҳрааш гардонд сабеҳу ҳам малеҳ.
Хуллас ин ки ҷамъи пайғамбар, ки буд,
Бар сифатҳои ҳама мавсуф шуд.
Абри сонӣ ҳам бикард тарки ватан,
Гашт нопайдо ба як миҷҷа задан.

## Баёни ҳаводисе, ки бевазане дар шаби мавлуд дида буд

Он шаби мавлуд буд, як бевазан,
Оминабону ба ӯ буд ҳамватан.
Гуфт он дам, ки Расули оламин,
Шуд вуҷудаш раҳматанлилъоламин.
Зулмати шаб ҷумлагӣ шуд бартараф,
Гавҳари сафват шуд ин дунё садаф.
Ҳар тараф он шаб, ки мекардам назар,

Хонаи хуршед гардид ҷилвагар.
Бас мунаввар гашт сар то сар сипеҳр,
Гӯиё гардид ҷаҳон як қасри меҳр.
Ҷумла ахтар шуд қариб бар ман чунин,
Фикр мекардам, ки мебӯсанд замин.

**Баёни он чизҳое, ки боз як зан шаби таваллуд мушоҳида карда буд**

Боз мегӯяд яке зан ин ҳама:
Ман будам хизматгузори Омина.
Он замон, ки моҳи шаръи авҷи дин,
Шуълаи шамси шабистони яқин.
Яъне нури Ҳақ, шафеъи осиён
Шуд таваллуд, ёфт дар олам макон.
Нури рӯи ӯ бикард нури чароғ,
Хира гашта менамуд ҳамранги доғ.
Шаш аломат андар он шаб дидаам,
Ақлу ҳушам бурд нури дидаам.
Аввал он ки дафъатан кард ӯ суҷуд,
Ёд карда Ҳазрати ҳаййи вадуд.
Дигараш бо лафзи буррову равон
Сарвари олам, аиззи инсу ҷон
“Лоилоҳ” гуфт, “Иллаллоҳ” боз,
Ман расули Ҳақ бувам, эй аҳли роз,
Сеюмин он ки ба вақти шустушӯ
Ман шудам нури Худоро рӯ ба рӯ.
Ҳотифе карда нидо, ки: Эй заъиф,
Тозаю покиза аст нури шариф.
З-оби раҳмат шустушӯ карданд варо,

Баъд аз он овардаанд бар ин саро.
Ту машав овораи ӯ, зинҳор,
Пок гардонда варо Парвардигор.
Дигараш донам, ки духтар ё писар,
Даст бурдам то аз ин ёбам хабар.
Чун бидидам хатна гашта, ноф ҳам
Қатъ гашта баъд аз он монда қадам.
Он дигар печондамаш ман дар лиҳоф,
Он муборак пушти ӯ шуд инкишоф.
Чашми ман мӯҳри нубувватро чу дид,
Дар дилам гаштӣ сурури худ падид.
Андар он нақше навиштаст он Худо,
Нақши тавҳид аст, бар вай ошно.

## Ҳикоят

Лайлатулмавлуди Абдулмуталлиб,
Буда дар атрофи Каъба музтариб.
Давр мезад гирди Каъба ҳар замон,
Карда соф оинаи дилро зи он.
Гуяд он вақте, ки гардид нисфи шаб,
Рӯ намуд бар ман чанд амри аҷаб.
Ногаҳон он хонаи Рабби вадуд
Карда оромгоҳи Иброҳим суҷуд,
Боз ҳам “Оллоҳу акбар” марратайн
Гӯш кардам он замон, эй нури ъайн.
Баъд аз он овоз шунидам он замон,
Буд он овоз зи Каъба, эй ҷавон.
Он нидо ин, ки Худои баҳру бар,

Холиқи солу маҳу шаб, ҳам саҳар.
Пок гардонид туро аз гарду чирк,
Ҳам зи хоки пои аҳли куфру ширк.
Боз бутҳо мешуданд фарши замин,
Гашта якбора ҳама нақши замин.
Боз нидо омад ба гӯш: Ҳар оина,
Имшаб он Аҳмад биёмад з-Омина.
Чун шунидам ман зи ғайб ҷумла нидо,
Бас ниҳодам ман қадам сӯи Сафо.
Чун расидам, шӯришу ғавғо чунон
Шуриши рӯзи ҷазо буд бегумон.
Гӯиё ҷамъи ғамому[45] ҳам туюр
Маккаро ҳашр мекунад Рабби ғафур.
Баъд аз он бар Омина кардам сафар,
То ки аз аҳволи ӯ ёбам хабар.
Рафтаму дарро бикуфтам бофиғон,
З-он ки дар занҷир будаст, эй ҷавон!
Омина бишнохт чун овози ман,
Зуд омад ӯ худаш пешвози манн.
Гуфт: Эй бобо, Муҳаммад ин замон
Шуд таваллуд, монд қадам дар ин ҷаҳон.
Ман бигуфтам ор ҷамолашро бинам,
Рӯи моҳи баркамолашро бинам.
Гуфт овардан маро набувад ҷавоб,
Гар биёрам, ман бубинам бас итоб.
Инчунин омад зи ғайб бар ман нидо,
Бас аҷоиб ҳайбате дошт он садо:
То адо гардад се руз, ин писар
Баҳри ҳеҷ одам макун мадди назар!
Чун шунидам ин суханҳо з-Омина,

Дохили хона шудам ҳар оина.
Як касе дидам дар даст теғи тез,
Ҳар ки дохил мешавад, мекард ситез.
То малоикҳо Муҳаммадро тамом
Тавф созанду раванд аз ин мақом.
Ларза бар андомам афтод он замон,
Теғ дар даст ҷониби кӯча давон.
То Қурайш огоҳ созам з-ин хабар,
Воқифи ин рамз гарданд сар ба сар.
Он замон гардид забонам гунгу лол,
Гуфтугӯ кардан басе гардид маҳол.
То гузашт ҳафт рӯз будам безабон,
Бар забон ҳаргиз нашуд ҳарфе равон.

## Дар баёни он, ки дар он шаб айвони бошукӯҳи Нӯшеравон афтода буд

Эй ҷамеъи уммати Хайрулбашар,
Бишнавед з-айвони Кисро як хабар.
Сарф кард пас симу зар он подшо,
Карда будӣ як иморатро бино.
Гунбадаш сар баркашида бар само,
Саҳни ӯро шамс медодӣ зиё.
Гарм меистод сад сол он бино,
Ҳеҷ намемонд ӯ қадам сӯи фано.
Он шабе, ки ҳазрати Хайруррасул,
Сарвари олам – шафеъи ҷузву кул.
Гашт дар айвони олам ҷилвагар,
Гардид он олӣ бино зеру забар.
Оташи оташпарастон буд соз,

Мисли дӯзах буд дар сузу гудоз.
Як ҳазор сол буд, чун месухт ӯ,
Шӯълаи дудаш ба гардун карда рӯ.
Он шаб он оташ бимурду хок шуд,
Аҳли оташро даҳон пурхок шуд
Буд равон дарёи Сова ҳам мудом,
Мавҷ мезад, беқарор буд субҳу шом.
Буд ҳамоғӯш бо тӯфони Нӯҳ,
Бас ҳарос аз мавҷи ӯ дар дашту кӯҳ.
Андар он шаб пас фурӯ бардошт замин.
Қатрае з-он об намонд, эй аҳли дин,
Боз якчанд ҳодиса бинмуд зуҳур,
Аҳли илм донад, ҳама наздику дур.
Гар баён созам ило явмулҷазо
Гап дароз гардад, нагардад ӯ адо.

## Ҳам дар он шаб ородиҳандагони маҳфили Биҳишт, яъне Ризвон маъа ҳуру ғилмон маъмур шуданд ба ороиши биҳишт

Амр кард он шаб Худо Ризвонро,
Аҳли Ҷаннат, ҳуру ҳам ғилмонро:
Дар Биҳишт оед, ҳама оро кунед,
Зебу зинат дода бас раъно кунед.
Андар ин шаб тӯй дар Ҷаннат, ҳама
Айшу хурсандӣ кунеду замзама.
Ҳар қадар қасре ки дар Ҷаннат будӣ,
Ҳақ саросар зебу зинат фармудӣ.
Кард ба молики Дӯзах амр боз:

Аҳли Дӯзахро басе эҳсон бисоз.
Ҳеҷ кас имшаб набинад аз азоб,
Варна мебинӣ итоб андар иноб,
Ки дар ин шаб ояд он маҳбуби ман
Дилбару маҳбуби манн, марғуби ман.
Раҳматанлилоламин аст он Ҳабиб,
Ки аз ӯ шуд ҷумларо раҳмат насиб.
Ҳам равон дарёи раҳмат имшаб аст,
Арш ҳам дар пеши мавҷаш гашта паст.
Имшабам дарёи раҳмат гашта боз,
Ҷумла халқон то бигарданд сарфароз.
Имшаб аст он шаб, ки он мақсуди ман
Шамъи базми қурбати бедуди ман.
Нур пошад то ҳама равшан шавад,
Нури раҳмат дар ҷаҳон хирман шавад.
Имшаб аст он шаб, ки он маъшуқи ман,
Дар бараш пӯшад зи раҳмат пираҳан.
Ҷилвагар шуд дар сарои ин ҷаҳон
Нахлу нураш кард ҷаҳонро бўстон.
Имшаб аст он шаб, ки бас файзу футӯҳ
Мешавад дар ҷисми ин дунё чу рӯҳ.
Имшаб аст он шаб, ки он хатми Расул,
Ҳодии кулли мазоҳиб, ҳам субул[46].
Андар ин зулматсаро бошад чароғ,
У бисӯзид синаи душман ба доғ,
Имшаб аст он шаб, ки дар ёди карам,
Ҷуши мавҷ бо якдигар гардида зам.
Имшаб аст он шаб, ки ин зулматсаро
Ҷумла нур гардад бибошад босафо
Имшаб аст он шаб, ки ҳурон дар қусур[47]

Ҷумла дар Ҷаннат ба айшу ҳам сурур.
Имшаб аст он шаб, ки ҳама аҳли Ҷаҳим
Мешаванд дар ахтари роҳат муқим
Гар бихоҳӣ аз ҳама ғамҳо наҷот,
Бо тамоми шавқу завқ гӯ ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Дар баёни ваҳй овардани Ҷабраили амин ба он ҳазрат *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)*

Шуд таваллуд ахтари бурҷи шараф,
Кард он гавҳар ба худ одам садаф.
Рафта-рафта нури ӯ андар ҷаҳон,
Нур пошиду ҷаҳон равшан аз он.
Қисса кутаҳ, охир он баҳри карам
Барниҳод бар рӯи чил неку қадам.
Чунки ҳукм омад зи Раббулоламин,
Ваҳй овард Ҳазрати Рӯҳуламин.
Гуфт он дам бар расул он Ҷабраил:
Бас салом гуфт бар ту он Рабби ҷалил,
Бар сарат монд аз нубувват тоҷро,
Ҳам ато кард бар ту ӯ Меъроҷро.
Боз Қуръонро ба ту нозил намуд,
Ҳар чӣ мақсуди ту шуд, ҳосил намуд.
Лутф карда бениҳоят мӯъҷизот,
Ҳам бикард бе ҳадду ғоят илтифот.
Ӯ бикард ҳардам ривоҷи ту баланд,

Ҷумларо бар дини ту кард мустаманд.
Боз гардонд ому хос бар вай ғулом,
Бас шуданд дар хизмати вай субҳу шом.
Шаъни олиҳо, ки он Ҷалли уло,
Кард бар кони шафоат бас ато.
Ҳоҷати изҳор нест маълум бувад,
Нури меҳраш бар ҳама мафҳум бувад.
Чунки андак ёфт аз мавлуд баён,
Мӯъҷизоташро кунем вирди забон.
Мекунам аз вай ман андак қиссае,
Зарраи зарроти уро ҳиссае.
Гар бихоҳӣ мешавӣ аз ғам наҷот,
Ту ба ишқу дард гӯӣ ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Чароғон кардани фонуси шамъи мӯъҷизоти он ҳазрат
*(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)*

Эй ки уммат ҳастӣ он дилдорро,
Он Ҳабиби Аҳмади Мухторро.
Мӯъҷизоташро даме сомеъ бишав,
Фаҳму ҳушу ақлро ҷомеъ бишав.
Он чи бар вай дод Худованди қадим,
Мӯъҷизоту иззату нозу наъим.
Ҳақ надод дигар Набиро мутлақо,

Ин бувад хоси Муҳаммад Мустафо.
Аввал он буд, ки тани зӣ ҷуди[48] ӯ,
Он муборак ҷисми нуролуди ӯ.
Бар замин нафтод ҳаргиз сояаш,
Сояаш ҳаргиз надид ҳамсояаш.
Соя худ дар ҷисми зулмонӣ бувад,
Нурро, эй ёр, соя кай бувад?
Абр соя афканад болои ӯ,
Гар равад, ҳар ҷо бувад ҳамроҳи ӯ.
Гар бихоҳед мӯъҷиза аз чашми ӯ
Бишнавед, эй дӯстон, гӯям аз ӯ.
У бидидӣ ошкорову ниҳон,
Пуштро медид мисли пеш аён.
Мӯъҷиза бишнав зи гӯши он Ҳабиб,
Мешунид дурро ба монанди қариб.
Дар такаллум гар лабони ӯ агар
Чун шудӣ таҳрик, эй нури басар.
Худ ба сар зад дар фалак он қасри меҳр,
Меҳр танҳо не бол моҳи сипеҳр.
Гар шавад дандони ӯ дар шаб аён,
Мисли рӯз рахшанда мегардад ҷаҳон.
Ҳам нубувват мӯҳри ӯ дар шаб чу моҳ,
Менамуд равшан шаби тори сиёҳ.
Зулфи ӯро гар расад боди сабо,
Мушку анбар мешамидӣ аз ҳаво.
Қатрае аз ӯ арақ берун чакад,
Мешуд аз он қатра гулҳо беадад.
Зарраи хоке агар бар душманон
Пошад он баҳри рисолат бар зиён.
Ҷумла нобино шавад дар он замон,

З-ин сухан ҳаргиз макун шакку гумон.
Чун ишорат кард он маҳбуби Ҳақ,
Аз сари ангушти ӯ маҳ гашта шақ.
Мӯъҷиза бошад ба ҳар узваш ҳазор,
Ҷумларо гуфтан ба мо мушкил бидор.
Гар сухан чанде бигӯям, кам бувад,
З-он ки ӯ пайғамбари хотам бувад.
Гар бихоҳӣ мешавӣ аз ғам наҷот,
Баҳри пайғамбар бигӯӣ ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Дар баёни он ки ду фариштаи муқарраб назди он ҳазрат *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* аз барои имтиҳон ба сурати мурғон омада буданд

Як даме он сарвари ҳар ду ҷаҳон,
Раматанлилоламин ному нишон.
Шишта буданд ҳамчу моҳи баркамол,
Карда оёти Худоро қилу қол.
Тоире омад ба парвоз аз само,
Пас намуд дарҳол афғону наво.
Гуфт он мурғ: Ё Расулалоламин,
Камтарини чокарат Рӯҳуламин.
Ин замон бар ман шафоат кун даме,
Шафқату лутфу мурувват кун даме.

Ки ба ман қасд кардааст як қарчағай,
Ҷон ба лаб омад маро аз дасти вай.
Шуд се рӯз аст, ки ӯ дар пушти ман
Медавад гаҳ кӯҳу гоҳ дашту чаман.
Омада з-ин қарчағай созам халос,
Ки ба ҷуз ту нест марҳам, эй манос[49],
Гар маро ин қарчағай созад асир,
Чӯҷаҳоям се нафар хурду сағир.
Ҷумлаи онҳо зи ҷӯъ гарданд ҳалок,
Мешавад з-ин ғам маро ин сина чок.
Гар намесозӣ халосам, деҳ ҷавоб,
Мепарам, эй ҳазрати олиҷаноб.
Чун шунид овози мурғ маҳбуби Ҳақ,
Ранги раҳмат зад ба рӯяш муншафақ.
Кард зи чашмаш гавҳари сероб равон,
Ашкҳо ҷорӣ шуданд бар рӯяшон.
Пас бикард он мурғ дар остин ниҳон,
Гуфт асло ғам махӯр, мондӣ амон.
Омад он дам қарчағай парвоз кард,
Қасди он мурғ карда чангол боз кард.
Гуфт: эй Пайғамбари барҳақ, ки ман
Бас гузашт се руз гурусна, ташнаам.
Саййидо, бар ман бидиҳ, тӯъма кунам,
Аз барои гушнагӣ луқма кунам.
Шаш нафар чӯҷа ба ошёни мананд,
Ошёнро нею дар ҷони мананд,
Ҷумлашон гашта гурусна, чашм чор,
Ҷумлагӣ ҳастанд ба сайдам интизор.
Мешаванд ҷумла ҳалок аз гушнагӣ,
Бас маро мушкил бигардад зиндагӣ.

Пас бигуфт он дам ба ӯ нури Худо,
Сарвари олам – Муҳаммад Мустафо:
Бахшише кун ту ба ман ин мурғро,
То кунам чизе дигар бар ту ато.
Қарчағай не гуфта мекард з-ӯ талаб,
Бар шикори худ ҳастам ташналаб.
Қарчағайро гуфт он дам он Расул:
Гар диҳам аз рони худ созӣ қабул?
Он қабул карду бишуд бар вай ризо,
Теғ биёред, – гуфт он дам Мустафо.
Пас биёварданд саҳоба теғро,
То диҳад аз ҷисми худ он мурғро.
Чун биандохт теғ бар ҷисмаш Расул,
Захмро ҳаргиз намекард ӯ қабул.
Ман намебуррам, Худо кардаст хитоб,
Ки набур ту ҷисми он Олиҷаноб!
Чун бididанд ҳарду мурғ он шафқаташ,
Баҳри мазлумон чӣ навъ аст ҳимматаш.
Чун яке ларзиду гардид Ҷабраил,
В-он дигар Микоил бо ҳукми Ҷалил.
Узр гуфтанд, к-эй Расули инсу ҷон,
Бар ту бошад садқа ин ҷони ҷаҳон.
То бидонем мӯъҷиза, ҳам меҳри ту,
Ҳам шафоат ҳам мурувватро зи ту.
З-ин сабаб гаштем бар ту беадаб,
Узри моро кун қабул, эй ғунчалаб.
Мо ба фармони Худо, эй Мустафо,
Инчунин гаштем аён назди шумо.
Маъдани кони шафоат, ҳам карам,
Шафқататро Арш дар зери қадам.

Он ду тан аз ӯ гирифтанд чун дуо,
Боз дар парвоз шуданд сӯи само.
Андаке аз мӯъҷиза, эй аҳли ҳуш,
Ҳам ба ҷону ҳам ба дил кардед гӯш.
Акнун аз меъроҷи ӯ гӯем сухан,
Лутф хоҳад гар Худои зулминан
Эй ки мехоҳӣ зи ҳар як ғам наҷот,
Доимо бо сӯзи дил гӯ ассалот:

**Ассалоту вассалому ъалайка ё Расулуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё Ҳабибуллоҳ!**
**Ассалоту вассалому ъалайка ё хайрахалқиллоҳ!**

## Дар баёни меъроҷи набӣ

*(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)*

Як шабе он тоири нурошён,
Булбули хушгуй дар боғи ҷаҳон.
Боғи раҳматро гули наврастааш,
Ҳам гули наврастаю гулдастааш.
Анбиёву авлиёро тоҷи сар,
Чархи иззатро шуда нури қамар.
Яъне маҳбуби Худованди таъол,
Он Муҳаммад Мустафо нури ҷалол.
У ба хонай Уммаҳонӣ хоб буд,
Бистараш аз оби нур ғарқоб буд.
Ҷабраилро амр кард Рабби ғанӣ,
Бетаваққуф сӯи Ҷаннат меравӣ.
Як мурассаъ тоҷ, ҳам аз нур камар,
Ҳам буроқи бодпои тезпар.

Ҳулла, ки тору пудаш аз нур бувад,
Ҳар, ки дар бар гирад, ӯ масрур бувад.
Ин ҳама маҷмуъро ту соз кун,
Пас ба назди он Ҳабиб парвоз кун.
Пас ба ӯ гӯӣ паёмам, эй амин,
Сайр кунад имшаб сӯи Арши барин.
Ломакон ояд, арзи ҳол кунад,
Бар висоли қурби неъмат вохӯрад.
Чун расид ин навъ фармони Ҷалил,
Андар он дам кард парвоз Ҷабраил.
Турфатулъайн ӯ Ҷаннотуннаъим
Рафт дар бӯстони ӯ гардид муқим.
Ҳуллаю тоҷи мурассаъ ёфт ӯ,
Пас барои он бурок кард ҷустуҷӯ.
Чун қадам зад Ҷабраил дар сабзазор,
Дар чаридан дид бурокҳо сад ҳазор.
Андар он мобайн дид ӯ як бурок,
Хӯриши ӯ сабзаи дашти фироқ.
Дигарон хурсанду шодон ҳар тараф,
Гоҳ бо обу гаҳе сӯи алаф.
Байни онҳо ӯ на хӯрду хоб дошт,
На ки майле бо хӯроку об дошт.
Чашми ӯ гирён, сиришкаш ҳам равон,
Тоқаташ тоқу ба ҳар сӯ нигарон.
Ақрабу ҳиҷрон ба ҷонаш дӯхта,
Доғи ҳасрат синаашро сӯхта.
Дид он бечораро Рӯҳуламин,
Баҳри шафқат монд қадам сӯяш чунин.
Ҷабраил гуфто ба ӯ: Эй безабон,
Бар ман аз кайфиятат мекун баён.

Аз чӣ худро бехӯру хоб кардаӣ,
Аз чӣ ту ду дида пуроб кардаӣ?
Аз чӣ рӯ ин навъ гаштӣ хор ту,
Нотавону хаставу афгор ту?
Ҷумла ёрони ту шодобанд ҳама,
Ҳам бо айшу нӯш серобанд ҳама?
Гуфт он дам он буроқи нотавон,
Аз ду дида оби ҳасрат шуд равон,
Ки туӣ пайғамбари ҷумла малак,
Эй азизи сарвари аҳли фалак,
Чил ҳазор сол шуд ҳолам ин бувад,
Ту гумон мекун, ки аҳвол ин бувад.
Боисаш ин ки шунидам як садо,
Ё Муҳаммад! – гуфта Ҳақ кардӣ нидо.
Чун ба гӯши ман расид ин номи пок,
Шуд ба теғи ишқ сина чок-чок.
Оташи ишқ дам ба дам афзун шудӣ,
Аз ду дида ашки хун Ҷайҳун шудӣ.
Аз ҳамон ҳол то кунун овораам,
Соҳиби он номро наззораам.
Зоҳиран гарчи макони ман биҳишт,
Ботинан дар нори дӯзах сина ташт.
Аз висоли сабзазори ӯ алаф
Нахварам эй соҳиби ямни шараф.
Бешаи Ҷаннат бувад бар ман ҳаром,
Ғайр аз ин набвад маро мақсуду ком.
То нанӯшам об аз ҷӯйбори ӯ,
Нашнавам то сӯҳбати анҳори ӯ,
Ман нанӯшам з-оби софи Салсабил,
Кавсару тасним ҳам, эй Ҷабраил!

Ин шунид товуси сидраошён,
Шуд ба арши гуфтугӯ ӯ парфишон.
Яъне Ҷабрили амин арзи бурок
Чун шунид, ӯ гуфт: Эй зору фирок,
Шод бош, ки имшаб он маҳбубро
Дил бибурда дилбари марғубро
Васли ӯро лутфи Ҳақ восил кунад,
Ҳар чӣ максудат бувад ҳосил кунад.
То ба ин дам ҳарчӣ дидӣ аз ғамат,
Меравад, дилдор гардад ҳамдамат.
Эй дило, дар ҳар ки бошад ишқи соф,
Бас расад бар васли дилбар бехилоф.
Ту ба ишқи пок талаб шому саҳар,
То бигардад дилбарат нури басар.
Чунки он дам беки Раббулоламин,
Ҳам расули анбиёву мурсалин.
Муждаҳо дода бурокро шод кард,
Аз ҷамеъи дарду ғам озод кард.
Кард аз ёқути сурх ӯро рикоб,
Накши ӯ буд ҷумла аз лаълу гулоб.
Ҷумла афзолаш ҳама тайёр кард,
Нуру оинро саропо ёр кард.
Ҳуллаву тоҷи мурассаъ бо камар,
Ки ҳамаро аз гуҳар буд зебу фар.
Ҷумларо омода карда он замон,
Бас бурок бигирифт, ба Каъба шуд равон.
Чун ба хонай Уммаҳонӣ омад ӯ,
Ё Муҳаммад! – гуфт фарёд кард ӯ.
Ҳаст иҷозат, то дароем, эй Ҳабиб,
Дарду исёнро туӣ ҳозиқ табиб.

Ҳақ саломат гуфт, афзун аст зи ҳад,
Ҳам паёмат гуфт берун аз адад.
Баъд аз он гуфта Ҳабибам имшаб,
Нури раҳматро қарибам имшаб
Аршу Курсиро тамошо ӯ кунад,
Ҳафт осмонро қадамҷо ӯ кунад.
Мунтазиранд ҷумла ҳурони Биҳишт,
Ҳуру ҳам ғилмону ризвони Биҳишт.
Аршу Курсӣ, Сидраю[50] ҳам Нӯҳ Фалак,
Ҳомилони Аршу маҷмӯъи малак
Менамоянд орзу: Ё Мустафо,
Хоки поятро бихоҳанд тӯтиё.
Имшаб аст он шаб ҳама муштоқҳо
Толиби васланд ҳама ушшоқҳо.
Сурмаи чашм карда хоки пои ту,
Ҳам назар созанд ба рӯи моҳи ту.
Чун паёми Ҳақ расонд Руҳуламин,
Гуфт: Эй моҳи фалак мӯҳри замин,
Имшабат зоҳир шавад асрори дӯст,
Шамъи бурҷат мешавад дидори дӯст
Имшаб аст овоза, ки фахри ҷаҳон,
Боъиси эҷоди арзу осмон.
Дар сари Арши азим ҷавлон кунад,
Ҳақ ба дидораш варо меҳмон кунад.
Ғулғула дар ҳашт биҳишт афтода буд,
Қудсиёнро ин хабар ҳайрон намуд.
Ҳашт дари Ҷаннат ба ту водоштанд,
Дурру ҷавҳар дар раҳи ту коштанд.
Мунтазиранд ҷумлаи хурду калон,
Кай кунад ташриф шоҳи ду ҷаҳон?

Гуфт он ҷумла ҳамон дам Ҷабраил,
Арз карда ҳадияи Рабби ҷалил.
Пешкаш кард ҳуллаю тоҷу камар,
Ҳам буроқи бодпои тезпар.
Ҳулла дар бар кун, бибанд ту ин камар,
Ин буроқро шав савор мекун сафар.
З-ин башорат гашт шодон он замон,
Хест зи ҷо нури Худову шуд равон.
Шод шуд аз ҳуллаву тоҷу камар,
Мисли моҳи нав ҳама карда ба бар.
Баъд аз он рӯи буроқ монда қадам,
Саййиди олам – расули муҳтарам.
Шод гашт он дам буроқи барқрав,
Тавсани фикрро шуда ӯ ҳамҷилав.
Яъне парвоз кард чун боди саҳар,
Бас наёфт пояш зи гарди ӯ асар.
Турфатулъайн буд шоҳи мӯҳтарам
Монд дар Байтулмуқаддас ҳам қадам.
Гуфт он дам Ҷабраил: Ё Мустафо,
Хоки поятро ҳама олам фидо.
Масҷиди Ақсо намоед ҷилвагоҳ,
Ин тариқа шуд фармони Илоҳ.
То зи гарди ин буроқат ин макон,
Хок гардад нури сафватошён.
Бас фаромад аз буроқ он шаҳсавор,
Мавҷи баҳри раҳмати Парвардигор.
Монд бар Ақсо қадам он шамъи дин,
Бар сараш парвона буд Руҳуламин.
Андар он ҷо рӯҳи ҷумла анбиё
Шуд ҳама ҳозир ба фармони Худо.

Ҷумлагӣ карданд Муҳаммадро тавоф,
Зумраи равшандилони синасоф.
Бас Муҳаммад буд дар он ҷо имом,
Иқтидо карданд паямбарҳо тамом.
Пас адо карданд ду ракъат намоз,
Чунки амр омад зи шоҳи бениёз.
Чун адо карданд аркони салот,
Фотиҳа хонданд ҳама некусифот.
Баъд аз он бо анбиё карда видоъ,
Ки сипеҳри нурро ӯ буд шуоъ.
Баъд аз он болои Сахра[51] шуд қарор,
Шуд зи Сахра бар буроқи худ савор.
Зинае монданд зи нур сӯи само,
Шуд буроқ з-он нардбон сӯи ҳаво.
Сахра ҳам ҳамроҳ гашт бо ӯ равон,
Нест рухсат бар ту! – гуфт шоҳи ҷаҳон.
Санг бимонд он ҷо муаллақ, эй амак,
Кард расул парвоз зи он ҷо бар фалак.
Бас арақ карданд дар ин раҳ ҳар севон,
Махдуму ходим буроқи бас давон.
Ҳар арақ, ки мисли марҷону гуҳар,
Шуд ҷудо аз он тани хайрулбашар.
Мешуданд ҳар як дарахти гул – сафед,
Лаҳзае нагзашта он ҷо бишкуфид.
В-он арақҳо, ки зи Ҷабрил шуд равон,
Сабз шуд нахли гули сурх, эй ҷавон.
Ҳарчи омад аз буроқи безабон,
Он гули раъно бисабзид дарзамон.
Ҳар се ин гул монд зи он се ёдгор,
Бар ҳама уммат бимонда пойдор.

Чархи аввалро расиданд он замон,
Дар кушоед! – гуфта Ҷабрил кард фиғон.
Баъд дарбонҳо кушоданд ҷумла дар,
Мустафоро бар сар афшонданд зар.
Марҳабо, ё нури Ҳақ! – гуфт қудсиён,
Тавф мекарданд Муҳаммадро равон.
Чун бididанд он ҳама дар тоат аст,
Як фаришта нест, ки он дар ғафлат аст.
Баъзе доим дар суҷуд асту хушӯъ,
Баъзе тоат мекунанд доим рукӯъ.
Баъзеҳоро тоаташ доим қиём,
Қаъда дорад баъзеҳо ҳар субҳу шом.
Баъзешон тақдису ҳам тамҷидхон,
Баъзешон тасбеҳу ҳам тавҳидхон.
Баъзешон мустағраќи мадҳуш шуда,
Доимо дар ёди Ҳақ беҳуш шуда.
Нестанд ғофил зи ёдаш субҳу шом,
Он малоик: хоҳ хосу хоҳ ъом.
То қиёмат бас ҳамин аст корашон,
Пешаву ашғолу кору борашон.
Гуфтанд онҳо: Аё маҳбуби зот,
Раҳмати олам азизи коинот,
Бод муборак имшаб меъроҷи ту,
Ҳам муборак бод буроқу тоҷи ту!
Бар шумо имшаб намояд лутфи Ҳақ,
Мегиред аз мактаби қурбат сабақ.
Гар кунӣ ҳар муддао аз Ҳақ талаб,
Гӯядат кардам ато бекому лаб.
Амр хоҳад кард салоту савматон,
Мағфират хоҳад ҷамъи қавматон.

Боз гуфтанд: Ин кароматро Худо
Бар шумо аз раҳматаш кардаст ато.
Ҷумла пайғамбар, ки дар рӯи замин
Ин кароматро надид аз Ҳақ чунин.
Ҳар кадом осмон равӣ, эй шаҳсавор,
Уммати худро талаб кун, зинҳор!
Ин тариқа ёфт башоратҳо Ҳабиб,
З-осмони аввал он дармонтабиб.
Баъд аз он бар чархи дуюм ронд буроқ,
Кард парвоз мисли барқ боиштиёқ.
Дуввумин чарх омад он хуршедваш,
Бас намонда дар дилаш ҳеҷ ғуллу ғаш.
Ҳам малоикҳои он чарх як ба як
Хеста бӯсиданд пояш, нест шак.
Ҷумла мекарданд муборакбоди ӯ,
Дода уммат хостанро ёди ӯ.
Беҳад он ҷо ҳам аҷоибҳо бидид,
Бас аҷоиб, ҳам ғароибҳо бидид.
Бас башорат дида аз маъбуди худ,
Гул бичид аз гулшани мақсуди худ.
Аз самои дуввумин ӯ шод шуд,
Хонаи лутфаш басе обод шуд.
Бас ба суи савумин чархи баланд,
Асп давонид он набӣ пасту баланд.
Қисса кӯтаҳ охираш ҳафт осмон,
Сайр карда шаҳсавори ду ҷаҳон.
Аз ҷамеъаш илтифоти беадад
Дид аз Ҳақ бас иноят, ҳам мадад.
Аршу Курсӣ, сидраву лавҳу қалам
Кард Муҳаммад ин ҳама зери қадам.

Монд ба Сидра он буроқу Ҷабраил,
Гуфтанд: Ин аст ба мо ҳукми Ҷалил!
Баъд пайдо шуд Рафраф он замон,
Шуд савор бар вай он шоҳи ҷаҳон.
Рафт Рафраф то маконе, ки Худо
Кард ҳамроҳӣ Муҳаммад Мустафо
Баъд аз он Рафраф бимонд, он подшоҳ
Худ ба сӯи дӯсташ бигирифт роҳ.
Тай намуд он саййиди раҳматмаоб,
Кард тай ҳафтод ҳазор он ҷо ҳиҷоб.
Баъд аз он ҷое расиданд он киром,
На макон аст, на замон, на субҳу шом.
На нишаст ҳаст, на равиш, на хӯру нӯш,
Кай расад ин маъниро идроку ҳуш?!
Ҳақ бихонд маҳбуби худ хилватсаро,
Бас даромад андар он ҷо подшо.
Ман надонам, баъд чӣ кард Кирдугор,
Чӣ тариқа кор афтод барқарор?
Ин қадар донам, ки маҳбубу ҳабиб
Гашта дар хилват ба ҳамдигар қариб.
Баъд аз он бесавту лаб, ҳарфу забон
Кард хитоб бар Мустафо Рабби ҷаҳон:
Гуфт, ки ҳам матлубу маҳбубат манам,
Дар ду олам дӯсту марғубат манам.
Ту ба ман ошиқию маъшуқ ҳам,
Кардаам беҳад ба ту лутфу карам.
Он манам Қуръон ба ту кардам ато,
Кардаам шаръи туро равшан чу моҳ.
Ман будам пеш аз ҳама олам туро,
Кардаам бар ҳар ду олам раҳнамо.

Баъд аз он Ҳақ гуфт Муҳаммадро: Аё
Сарвари олам, азизи ду саро,
Имшаб аст он шаб, ки ҳар як муддао
Ту талаб созӣ намоям ман адо.
Ҳар муроду мақсаде дорӣ талаб,
Ман барорам мақсадат, эй ғунчалаб,
Гуфт он дам он Муҳаммад Мустафо:
Матлабам аз ту ҳамин аст, эй Худо,
Умматамро, эй Карим, кун мағфират,
Тоати андак зи эшон манзарат.
Ҷумларо аз оташи дӯзах паноҳ
Деҳ, аё лутфу карамро подшоҳ!
Дохили ҷаннат бигардон шод кун,
Хотири ин бандаат обод кун.
Боз чандин муддаоҳоро талаб
Кард он дам сайиди олинасаб.
Ҳақ гуфто: Додамат ҷумла тамом,
Шод шав ту, эй Ҳабиби некном.
Баъд аз он фармуд Худо савму салот,
Ин бувад бар умматон роҳи наҷот.
Гуфт: Аз ту тӯҳфа бар уммат бувад,
Ки аз ин кор роҳ бар ҷаннат бувад.
Гар кунанд онҳо ин корро тамом,
Ҷои ҷумла мешавад Доруссалом.
Гуфт Пайғамбар дар он дам: Эй Худо,
Бар ту бодо ҷисму ҳам ҷонам фидо.
Ман ба ту ду ҳадя овардам кунун,
Эй Ҳакими ошкорову бутун.
Аввалаш нуқси намозу тоатам,
Дигараш ҷурму гуноҳи умматам.

Ғайр аз ин як барги сабзе нест маро,
То бувад шоистаи пешкаш туро.
Ҳақ бигуфто: Тоатат кардам қабул,
Ҷурми умматро гузаштам, ё Расул.
Уммататро ҷумла раҳмат кардаам,
Манзилаш гулзори ҷаннат кардаам.
Баъд аз он бар вай иҷозат дод Худо,
То бигардад боз бар дори фано.
Чун бирафтӣ, даъвати уммат бикун,
Амру фармонам ба уммат арза кун.
Бас ба амри Ҳақ таъол шоҳи ҷаҳон
Сӯи Сидра шуд равон аз Ломакон.
Мунтазир он ҷо ба ӯ Рӯҳуламин,
Назди ӯ омад Расули оламин.
Гуфт муборак бошад, эй хайрулбашар!
Он ки дидӣ шаб каромат сар ба сар.
Бо буроқ дар Сидра бинишаст чун аввал,
Ошиқу маъшуқи Ҳаййи ламязал.
Кард парвоз он буроқи барқрав,
Ҷабраил аз пеш бигрифта ҷилав.
Турфатулъайн Ҷабраил бо он Расул
Боз карданд дар сари Сахра нузул.
Баъд аз он сайр кард шоҳи мӯҳтарам,
Бас ба хонай Уммаҳонӣ монд қадам,
Чокару асп ҳардувон бигирифт ҷавоб,
Дохили хона шуд он олиҷаноб.
Чун бидиданд занҷири он дар ҳамон,
Буд дар ҷунбиш бешакку гумон.
Боз боқӣ буд ҳанӯз гармии ҷо,
То ки рафт-омад ба чарх он подшо.

Ин ба пеши қудраташ осон бувад,
Ҳар кӣ мункир, бандаи шайтон бувад.
Як нафас нагзашта он шоҳи ҷаҳон,
Сайр кард Курсийю Аршу Ломакон.
Кард вузӯи нав, боз дар ҷои хоб
Кард зи ашкаш ин заминро ғарқи об.
То саҳар бар Ҳақ тоат кард ӯ,
Хоб накарда боз ибодат кард ӯ.
Чун саҳар парвоз кард мурғи сипеҳр,
Кард оламро мунаввар яъне меҳр.
Хонд намози субҳро он офтоб,
Пас гирифт аз рӯи воқеа ниқоб.
Яъне бар асҳоб он Меъроҷро,
Ҳуллаи заррин, буроқу тоҷро.
Он ҳама доданд хабар хайрулбашар,
Қиссаро карда ҳикоят сар ба сар.
Гуфтанд ҷумла: Муборак, эй набӣ,
Шафқату лутфи Худованди ғанӣ!
Шарҳ мекарданд салоту савмро,
Шод карданд он замон он қавмро.
Гуфтанд амри Худоро, ё расул,
Ҷумлагӣ бо ҷону дил дорем қабул!
Ҳарчи фармояд Худованди карим,
Бо дилу ҷон гашта онро мустақим.
Қиссаи Меъроҷ шунид асҳобҳо,
Шод гардиданд ҳама аҳбобҳо.
Аз адоват гар касеро буд асар,
Хира гардид табъи вай аз ин хабар.
Лутф карда ҳазрати Рабби ғафур,
Хатм гардид қиссаи меъроҷи нур.

## Хотимат-ул-китоб

Ё Илоҳӣ, хаставу бечораем,
Доим андар фисқу исён будаем.
Маъсият бошад шабу рӯз кори мо,
Ҳеҷ намонд шарму ҳаёву ори мо.
Умр дар беҳудагӣ сарф кардаем,
Синаро бар фикри бад зарф кардаем.
Як нафас ёди ту карда, Зулҷалол,
Ҳам нагаштем чархи фикратро ҳилол.
Тоати шоистае ҳосил нашуд,
Н-омадем аз бераҳа ҳаргиз ба худ.
Мо зи ту, Саттор, бас шармандаем,
Аз хиҷолат сар ба зер афкандаем.
Мо ба доми нафсу шаҳватҳо асир,
Ҷурму исён ҳамчунон кӯҳи кабир.
На ба ту мақбул тоат кардаем,
На ба покӣ мо ибодат кардаем.
Чӣ кунам, ки ҳам ҳавову ҳам ҳавас
Чун ҳазордастон қалбамро қафас.
Ҳаст умедам он, ки як номат Раҳим,
Ҳам Алиму ҳам Ғафуру ҳам Карим.
Оби афвотро ба мо ҳамроҳ кун,
Ҷурму ҳам исёни моро пок кун.
Варна гардем, ё Илоҳӣ, шармсор,
Чун шавад фардо қиёмат ошкор.
Ҳам дар ин дунёву ҳам рӯзи ҷазо
Ту намо имони мо ҳамроҳи мо.

Раҳматанлилоламин он шоҳамон,
Ҳам ба рӯзи ҳашр шафоатхоҳамон.
Ту бикун аз илтифоти ӯ насиб,
Ҳам макун маҳрум зи дидори Ҳабиб,
Ё Раб, аз лутф мо ҳама мағфур кун,
Зумраи мағфур бар машҳур кун.
Баҳри волидайни мо Рабби раҳим
Кун насиба Кавсару боғи Наъим.
Пиру устоду ҳама аҳбобамон,
Ҳамдаму ҳамсуҳбату асҳобамон.
Ҳам касе аз баҳри мавлуди Набӣ,
Ҷамъ гардонад ҳама пиру сабӣ.
Сарф карда ошу нону симу зар,
Дар раҳи маҳбуби Ҳақ баста камар.
Ҳам касе бошад дар ин маҷлис ба по,
Гӯш кунад бо сидқи дил мавлудро.
Ё Илоҳӣ ин ҷамоъатро тамом,
Хоҳ ки хос бошаду хоҳӣ авом.
Ҷаннатулфирдавс бар ӯ масрур кун,
Ҷурмаш афву тоаташ манзур кун.
Ҳам тамоми умматони он Ҳабиб,
Пайрави шаръи шарифи он Ҳабиб.
Дар ду дунё обурӯмандаш бикун,
Хурраму шодобу хурсандаш бикун.
Хилватии осии дилхастаро,
Ҳам ба доми ҷурму исён бастаро.
Рӯсиёҳ, шармандаву гумроҳро,
Фосиқу ҳам ноқису кӯтоҳро.
Афв кун ҷурму гуноҳашро тамом,
Неъмати дидор насиб кун, вассалом!

Тамом шуд китоби «Мавлуди набӣ» (с.ъ.в.)

## Ғазал

Дар вақти субҳгоҳон бӯи Муҳаммад омад,
Андар сабоҳи мардон бӯи Муҳаммад омад.
Рафтам ба сӯи бӯстон гулҳо шукуфта дидам,
Аз ҷониби гулистон бӯи Муҳаммад омад.
Дар мавсими гулу мул, мехонд дӯш булбул,
Аз булбули хушилҳон бӯи Муҳаммад омад.
"Тоҳо" бихону "Ёсин" он гоҳ бигӯй омин,
Аз сураҳои Қур'он буи Муҳаммад омад.
"Вашамс" васфи рӯяш "Валлайл" наъти мӯяш,
Аз зикри зоти Субҳон бӯи Муҳаммад омад.
Аввал бигуфт Муҳаммад Лоилоҳа Иллаллоҳ,
Аз зикри исми Раҳмон бӯи Муҳаммад омад.
Тӯфони Карбалоро гарди Ҳусайн номанд,
Аз нолаи имомон бӯи Муҳаммад омад.
Ин ҳашт дар кушодем дар он сарои ҷаннат,
Аз ҳар сарои ҷаннат бӯи Муҳаммад омад.
Имло, бизан ту худро дар сӯҳбати ғарибон,
Аз сӯҳбати ғарибон бӯи Муҳаммад омад.

## Ғазали дигар

Сад дар кушод дар дил аз ҷони мо Муҳаммад,
Дар дил чу кард манзил ҷонони ҷонони мо Муҳаммад.
Мо булбулем нолон дар гулситони Аҳмад,
Мо лӯълуему марҷон имони мо Муҳаммад.

Мустағрақи гуноҳем, ҳарчанд узрхоҳем,
Аз марҳами шафоъат дармони мо Муҳаммад.
Мо толиби Худоем бар дини Мустафоем,
Пажмурда чун гиёҳем, борони мо Муҳаммад.
Аз умматони дигар мо омадем бар сар,
Онро, ки нест бовар бурҳони мо Муҳаммад.

## **Ситоиши пайғамбар** (саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)

Карим-ус-сачоё, ҷамил-уш-шиям,
Набийюл-бароё, шафеъ-ул-умам[52].
Имоми русул, пешвои сабил,
Амини Худо, маҳбати Ҷабраил[53].
Шафеъ-ул-варо, хоҷаи баъсу нашр,
Имом ал-ҳудо, садри девони ҳашр[54].
Калиме, ки чархи фалак Тӯри ӯст,
Ҳама нурҳо партави нури ӯст[55].
Шафеи матои набийи карим,
Қасими ҷасими насими васим[56].
Ятиме, ки нокарда қур’он дуруст?
Кутубхонаи чанд миллат бишуст[57].
Чу азмаш бароҳехт шамшери бим,
Ба мӯъҷиз миёни қамар зад ду ним[58].
Чу ситаш дар афвоҳи дунё фитод,
Тазалзул дар айвони Кисро фитод[59].
Ба “ло” қомати Лот бишкаст хурд,
Ба эъзози дин оби Уззо бибурд[60].
На аз Лоту Иззо баровард гард,
Ки Тавроту Инҷил мансух кард[61].

Шабе барнишаст, аз фалак баргузашт.
Ба тамкину ҷоҳ аз малак даргузашт[62].
Чунон гарм дар теҳи қурбат биронд,
Ки бар Сидра Ҷабрил аз ӯ бозмонд[63].
Бад-ӯ гуфт солори байтулҳаром,
Ки, эй ҳомили ваҳй, бартар хиром![64]
Чу дар дӯстӣ мухлисам ёфтӣ,
Инонам зи сӯҳбат чаро тофтӣ?[65]
Бигуфто: Фаротар маҷолам намонд,
Бимондам, ки нерӯи болам намонд[66].
Агар як сари муй бартар парам,
Фуруғи таҷалло бисӯзад парам[67].
Намонад ба исён касе дар гарав,
Ки дорад чунин саййиде пешрав[68].
Чӣ наъти писандида гӯям туро?
Алайк-ас-салом, эй набӣ-юл-варо[69].
Дуруди малик бар равони ту бод,
Бар асҳобу бар пайравони ту бод[70].
Нахустин Абу Бакр пири мурид,
Умар панҷабарпечи деви марид[71].
Хирадманд Усмони шабзиндадор,
Чаҳорум Алӣ – шоҳи Дулдулсавор[72].
Худоё, ба ҳаққи банӣ Фотима,
Ки бар қавли имон кунам хотима[73].
Агар даъватам рад кунӣ в-ар қабул,
Ману дасту домони оли расул[74].
Чӣ кам гардад, эй садри фархундапай,
Зи қадри рафеъат ба даргоҳи Ҳай?
Кӣ бошанд муште гадоёни хайл,
Ба меҳмони дор-ус-саломат туфайл[75]?

Худоят сано гуфту табҷил кард,
Заминбӯси қадри ту Ҷабрил кард[76].
Баланд осмон пеши қадрат хиҷил,
Ту махлуқу Одам ҳанӯз обу гил[77].
Ту асли вуҷуд омадӣ аз нахуст,
Дигар ҳарчи мавҷуд шуд, фаръи туст[78].
Надонам, кадомин сухан гӯямат,
Ки волотарӣ з-он чи ман гӯямат[79].
Туро иззи лавлоки тамкин бас аст,
Санои ту "Тоҳо"-ву "Ёсин" бас аст[80].
Чӣ васфат кунад Саъдии нотамом?
Алайк-ас-салот, эй набӣ, ва-с-салом![81]

## Дар ситоиши он муқтадои мурсалин, раҳматан лилъоламин

Муҳаммад, к-офариниш ҳаст хокаш,
Ҳазорон офарин бар ҷони покаш.
Чароғафрузи ҷони аҳли биниш,
Тарози коргоҳи офариниш.
Сару сарҳанг майдони вафоро,
Сипоҳсолору сархайл анбиёро.
Саёҳинбахши боғи субҳгоҳӣ,
Калиди махзани ганҷи илоҳӣ.
Ятимонро навозиш дар насимаш,
Аз он ҷо ном шуд дурри ятимаш.
Ба маънӣ кимёи хоки одам,
Ба сурат тӯтиёи чашми олам.
Сарои шаръро чун ҷо рахт баст,
Бино бар чор девори абад баст.

Зи шаръи худ нубувватро навин дод,
Хирадро дар паноҳаш пайравӣ дод,
Асоси шаръи ӯ хатми ҷаҳон аст,
Шариатҳо бад-ӯ мансух аз он аст.
Ҷавонмарде раҳиму тунд чун шер,
Забонаш гоҳ калиду гоҳ шамшер.
Худояш теғи нусрат дода дар ҷанг,
К-аз оҳан нақш донад бает дар санг.
Ба мӯъҷиз бадгумононро хиҷил кард,
Ҷаҳони сангдилро тангдил кард.
Чу гул бар об рӯи дӯстон шод,
Чу сарв аз обхӯрди олам озод.
Фалакро дода сарваш сабзпушӣ,
Машомаш бодро анбарфурӯшӣ.
Зада дар мавхаби султонсавораш,
Ба навбат чор навбат чор ёраш.

## Муноҷот

Худое, туӣ бандаро дастгир,
Бувад бандаро аз Худо ногузир.
Туӣ холиқи будаву буданӣ,
Бубахшӣ бар хок бахшиданӣ.
Ба бахшоиши хеш ёрим деҳ,
Зи ғавғои худ растагорим деҳ.
Туро хоҳам аз ҳар мурode, ки ҳаст,
Ки ояд ба ту ҳар муроде ба даст.
Ту мустағнӣ аз ҳар чӣ дар роҳи туст,
Ниёзи ҳама сӯи даргоҳи туст.

Суруши маро девмардум макун,
Сари ришта аз роҳи худ гум макун.
Чу бар ошноӣ кушодӣ дарам,
Макун хоки бегонагӣ бар сарам..
Ба чашми ман аз худ фуруғе расон,
Ки ёбам фароғе зи чашми касон.
Зи фазлат дилам шод кун, эй Худо,
Ду дунёям обод кун, эй Худо!

---

## ТАВЗЕҲОТ ВА ЛУҒОТ

[1] Мулло Йулдош Тӯрабой ўғли Хилватӣ (1858–1921) бо забонҳои ўзбекӣ ва тоҷикӣ эҷод намуда, аз худ осори илмиву адабии пурсамар боқӣ гузоштааст.

Пеш аз ҳама асари машҳури шоир – “Мавлуди набӣ”-ро қайд кардан бамаврид аст, ки борҳо ба дасти чоп расидааст. Асари дигари муаллиф “Чароғи мактаб” ном дошта, соли 1325 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1907 мелодӣ дар матбааи О.А.Порцева дар шаҳри Тошкент чоп шудааст. Ин асар ба тарзи манзума навишта шуда, ба мавзӯи ақоид ва фалсафаи Ислом бахшида шудааст. Манзумаи мазкур ҳоло аз ҷониби муҳаққиқон Озода Болтабоева ва Муҳаммад Содиқ Сайфуллоев ба нашр омода шудааст.

Соли 1328 ҳиҷрӣ (1910-1911 мелодӣ) чопхонаи Ғуломҳасан Орифҷонов воқеъ дар шаҳри Тошкент чанде аз қасида ва ашъори Хилватиро дар ҳаҷми 87 саҳифа чоп намуд, ки маъруфтарини онҳо қасидаи “Сайр-ул-ҷибол мин сайр-ир-риҷол” ва “Қасидаи Илм” ба шумор меравад. “Қасидаи Илм” аз машҳуртарин манзумаҳои форсӣ-тоҷикии шоир ба шумор меравад, ки бо маҳорати баланди шоирӣ эҷод шудааст. Шоир дар ин қасида афзалияти илмро нисбат ба ғаноими моддӣ, тозагари рӯҳияи инсонӣ, волобари мақому дараҷаи инсонӣ ва воситаи ҷудокунандаи ҳақ аз ноҳақ бо тимсоли бадеӣ ва амсоли ҳаётӣ ба қалам додааст. Ҳамчунин бузургтарин

неъмат будани илмро такрор ба такрор таъкид намудааст:

Хирадманду фақиру бенаворо
Бубахшад ҷо ба фарқи ағниё илм.

Қасида аз 96 байт иборат буда, дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф - мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун (v - - - / v - - - / v - -) офарида шудааст. Бино ба муқаддимаи чопи сангӣ ин асар дар соли 1320 ҳиҷрӣ, мутобиқ бар соли 1903 мелодӣ поён ёфтааст. Қасида дорои аҳамияти баланди тарбиявиву маърифатӣ буда, дар он фазилат ва хислатҳои зиёди илму олимӣ ба қалам дода шудааст.

"Мавлуди набӣ"-ро Хилватӣ бо забони ӯзбекӣ ба риштаи назм кашидааст. Онро соли 1984 тарҷумони номаълуме ба тоҷикӣ гардонидааст. Дастнавис моломоли хатоҳои вазну имло буда, матне, ки ҳоло манзури шумо, азизон мешавад, ҳамон тарҷума аст бо андаке таҳрир ва тағйирот ва бо иловаи луғату тавзеҳот.

[2] Ғофир – авфкунанда, омурзандаи гуноҳон.
[3] Саттор – пардапӯшкунанда, пӯшандаи айбҳо.
[4] Раҳмон – бахшоянда; Раҳим – меҳрубон.
[5] Қоҳир – қаҳркунанда, ғазабкунанда.
[6] Ҷаббор – соҳиби тавоноӣ ва қудрат.
[7] Субҳон – ба покӣ ёд кардани Худо; Азим – бисёр бузург.
[8] Лоямут – бемарг, зиндаи ҷовид.
[9] Лояном – хобнакунанда, ҳамеша бедор.
[10] Лоязол – безавол, ҷовид, абадӣ.
[11] Зулҷалол – соҳибҷалол, боҳашамат, азим.
[12] Зулкамол – соҳиби камолоту фазилат, мукаммал.
[13] Зулҷамол – соҳибҷамол, хеле зебо.
[14] Реш – дард, захм.
[15] Лавлок – агар набудӣ ту; ишора ба ҳадиси қудсии хитоб ба паямбар (с.ъ.в.): "Лав лока, ламмо хулиқат-ул-афлок – Агар ту набудӣ, ман фалакҳоро намеофаридам".
[16] Кибриё – бузургӣ, азамат.
[17] Ломакон – яке аз сифатҳои Худованд, бемакон, яъне ҳама ҷо ҳозиру нозир.
[18] Шафеъулмузнибин – шафоаткунандаи гунаҳкорон.

[19] Хайрулумам – беҳтарини умматҳо.
[20] Ба хотири вазн “ҳамаи” “ҳамай” хонда мешавад.
[21] Эҳтимом – саъйу кӯшиш.
[22] Ишора ба ҳазрати Ҷабраил (ъ).
[23] Изтирор – парешонӣ, дармондагӣ.
[24] Аз номҳои паямбар (с.ъ.в.): Мустафо – баргузида, мунтахаб; муқтадо – пешво, онки ба ӯ пайравӣ кунанд; муҷтабо – интихобкардашуда.
[25] Ҳазоқат – устодӣ, доноӣ, маҳорат.
[26] Баҳҷат – шодмонӣ, шавқу завқ.
[27] Басар – чашм, дида.
[28] Кайфу кам – чигунагӣ ва чандӣ; сифату камият ё сифату миқдор.
[29] Яъне, нигаҳ дошт Худо онро.
[30] Ҷалол – бузургӣ, азамат, шукӯҳ.
[31] Ҷаҳим – дӯзах, номи яке аз ҳафт дарҳои дӯзах.
[32] Арши азим – дар луғатҳо арш ба маъниҳои зайл меояд: осмон, тахти подшоҳ, сарир, хаймаву чодар, соябон ва рукн, яъне сутун. Ва аммо дар забони шаръӣ “фалак-ул-афлок”-ро арш гӯянд ва онро минбари нӯҳпоя, боми бадеъ, боми рафеъ, чархи барин, чархи атлас низ гӯянд.

Аршро Худои таъоло дар осмони ҳафтум офарид ва малоикаро ба ҳамлу таъзими он водошт, чунонки дар замин башарро ба зиёрату таъзими Макка фармуд. Дар Қуръон ин калима ба маъниҳои тахт, тахти шоҳӣ, ба маънии Худованди мутаъол, ки бар об ниҳода шудааст ва ба маънии тахту мақоми илоҳӣ итлоқ шудааст, ки ҳашт малаки муқарраб онро ҳамл мекунанд ва ҳомилони он фариштагонанд, ки гирдогирди он ба ҳамду тасбеҳи Худованд машғуланд. Онон ҳамчунин барои касоне, ки ба Худои таъоло ва ваҳдонияти ӯ имон овардаанд, талаби омурзиш мекунанд.

Муфассирон дар бораи офариниши Арш гӯянд: “Ҳақ таъоло ёқути сабз биёфарид ва ба он ба ҳайбат нигарист. Он ёқут гудохта ва обӣ шуд. Аз он гаҳ Арш биофарид ва бар об ниҳод. Ва Ҳамза дар “Тафсири Абулфатҳ” гӯяд: “Худои таъоло Арш биёфарид ва бар сари об монанди

киштӣ мерафт ва он гаҳ Лавҳу Қалам биёфарид”. Аз Али ибни Аҳмад Асадии Тусӣ ривоят мекунанд, ки: “Худои таъоло Аршро аз чаҳор нур офарид: сурх, сабз, зард ва сафед”. Дар “Қасас...” ва “Ривоёт...” овардаанд, ки “Пайғамбар фармуд: “Аввала мо халақаллоҳ нурӣ” ва он нур дувоздаҳ ҳазор сол мегашт ва тавоф мекард ва покиву ягонагии Ҳақ таъоло мегуфт. Пас он нурро ба чаҳор қисмат кард ва аз як қисм Аршро биёфарид” ...

[33] Курсӣ – сарир, тахт, фалаки ҳаштум; мавзеъи амру наҳйи Худованд; мулк ва қудрати Борӣ таъоло ва тадбири ӯ; илми Худованд, ки иҳота дорад ба ҳамаи олам...

[34] Тастеҳ кардан – тахту ҳамвор кардан.

[35] Шед – хуршед, офтоб.

[36] Хай – арақ.

[37] Эйман – эмин, маҳфуз бехатар.

[38] Сутӯъ – болоравӣ.

[39] Бадбахт, худсар, нобакор.

[40] Залл – аз решаи залил, яъне беэътибору ночиз, забуну хору зор.

[41] Аҳбор – донишмандон, хирадмандон.

[42] Хотифа – хотиф, дурахшанда.

[43] Аъдо – душманон; вадуд – дӯстон.

[44] Сармад – доимӣ, абадӣ, ҷовидонӣ.

[45] Ғамом – ҷамъи ғамома, яъне абрҳои сафед, саҳоб.

[46] Субул – ҷамъи сабил, роҳҳо, тариқатҳо.

[47] Қусур – қасрҳо, мурод аз равзаҳои Биҳишт.

[48] Зӣ ҷуд – соҳибкарам, саховатманд.

[49] Манос – паноҳгоҳ.

[50] Сидра – дарахти Куноре, ки дар осмони ҳафтум ва мақарри Ҷабраил (ъ) аст.

[51] Сахра – санги калоне дар Байтулмуқаддас.

[52] Саҷоё – хислату сириштҳо; ҷамил – зебо; шиям – одатҳо; шафеъ – поймард, ёвар; умам – умматҳо. Яъне маънии байт: Бузургвор, некниҳод, писандидахӯй ва пайғамбари баргузидаи Худованд бар мардум ва поймарду ёвари умматҳо.

[53] Сабил – роҳ; маҳбат – маҳалли фуруду ҳубут. Яъне: Пешвои паямбарон, пешоҳанг ва раҳнамои корвони растагорон, амини парвардигор ва шоистаи фуруд омадани Ҷабраил (ъ) ва дарёбандаи ваҳйи Худованд.
[54] Варо – махлуқ; баъс – барангехтан, зинда гардонидан, қиёмат; нашр – пароканда шудан; ҳудо – ҳидоят; садр – болонишин, вазир, раис, меҳтар, ибтидо, сина; девон – додгоҳ; ҳашр – ҷамъ омадан. Яъне: Поймарди бандагон, сарвари рӯзи Растохез (Қиёмат) ва барангехта шудани мурдагон аз гӯр, пешвои покдинон ва меҳтари арҷманди додгоҳи рӯзи Растохез аст.
[55] Он арҷмандтар аз Мӯсо (ъ), ки дар кӯҳи Тӯр ба пешгоҳи Илоҳӣ нарафта, балки ба осмонҳо парвоз карда ва дар Арши Аъло ба ҳузури Парвардигор роҳ ёфта ва ҳамаи кешҳои гузашта бахше аз оини дурахшон ва комили вай аст.
[56] Миёнҷи ва дастгири гунаҳкорон, фармонраво, паёмбар, бузургвор, зебо, кушодарӯй ва нажода аст.
[57] Қур'он – хондан, ба сурати исми хос китоби осмонии мусалмонон аст. Яъне: Бо онки аз падар бебаҳра буд ва хондану навиштанро ҳам дуруст намедонист, бо оини хеш кешҳои чанд миллатро ботил кард.
[58] Бароҳехтан – баркашидан, яъне аз ниём (ғилоф) берун кашидан. Яъне: Он гоҳ ки барои тарсонидан ва расво кардани душманон ирода кард, коре шигарф бинамоид, ки дигарон натавонанд анҷом диҳанд – Моҳро ду ним сохт.
[59] Сит – овоза; айвони Кисро – боргоҳи Анушервон, маҷозан қудрати шоҳаншоҳии Эрон; Кисро – муарраби Хусрав (Вайронаҳои тоқи Кисро ё айвони Мадоин ҳам акнун низ дар соҳили ғарбии руди Даҷла вуҷуд дорад); афвоҳ – даҳонҳо; дунё – маҷозан ба маънии мардуми дунё. Яъне: Чун дар ҷаҳон баландовоза гардид, пояҳои қудрат ва шукӯҳи шаҳаншоҳии Сосонӣ ларзид ва суст гашт.
[60] Ба шиори яктопарастӣ ва арзишманди оини хеш бутҳоро хору расво кард ва бутпарастиро ботил намуд.

[61] Инҷил – мужда, номи китоби муқаддаси масеҳиён; Лот, Иззо – номи ду бут аз бутҳои хонаи Каъба. Яъне: На танҳо бутпарастиро беарҷу табоҳ сохт, балки дини Яҳуд ва Исоро низ ботил кард.
[62] Ин байт ишора ба Меъроҷ аст. Тамкин – арҷмандиву эҳтиром ва итоат; ҷоҳ – мақому шукӯҳ, ҷинос дар малаку фалак. Яъне: Як шаб ба даъвати Парвардигор бар астаре савор шуда ба дидори Додор рафт ва бо ин кор аз назари арҷу мақом аз фариштагон бартар шуд.
[63] Теҳ – биёбоне, ки ҳар кас бад-он ворид шавад гум мешавад ва бознамегардад; Теҳи қурбат – изофаи ташбеҳӣ; Сидра – дарахти Куноре, ки дар осмони ҳафтум ва мақарри Ҷабраил (ъ) аст. Бино ба ривояте ин дарахт дар Биҳишт аст. Яъне: Ончунон дар густараи бекарони Арш битохт, ки дар осмони ҳафтум, ки дарахти Сидрат-ул-мунтаҳо дар он қарор дорад, Ҷабраил аз ҳамроҳӣ бо ӯ бозмонд ва натавонист фаротар равад.
[64] Байт-ул-ҳаром – хонаи Каъба. Яъне: Паёмбари Ислом, он сарвари яктопарастон бад-ӯ (Ҷабраил) гуфт: Эй суруши паёмовар, ҳамроҳи ман болотар биё!
[65] Мухлис – покдилу якрӯ ва ихлосманду содиқ; инон – ҷилав, афсор, ба маънии ихтиёр низ меояд. Яъне: Чун пай бурдӣ, ки ман дӯсти якдилу самимӣ ҳастам, чаро аз ҳамроҳӣ бо ман рӯйгардон шудӣ?
[66] Ҷабраил (ъ) дар посух гуфт: Болотар аз ин наметавонам биёям, вомондам, зеро болҳоям нерӯ надоранд, ки ҳамроҳи ту болотар парвоз кунам.
[67] Дари ин байт ҷинос дар калимаҳои ҳамқофия (парам – бипарам; парам – пари ман) дида мешавад; бисӯзад – месӯзонад. Яъне: Агар андаке ба болотар парвоз кунам, партави намуд ва пайдои зоти Парвардигар болҳоямро месӯзонад.
[68] Исён – гуноҳ, саркашӣ; гарав – маҷозан ба маънии қайду банд. Яъне: Касе, ки чунин саййиди пешрав дорад, ба исён дар гарав намемонад (Касе, ки чунин сарвар ва пешвое дорад, ба сабаби гуноҳ ва нофармонии худ кайфар ва ҷазо намебинад.

[69] Чӣ – чӣ гуна? Наът – сифат; варо – мардумон. Яъне: Эй набийюл-варо, чӣ наъти писандида бар ту бигӯям, алайк-ас-салом? (Эй баргузидаи мавҷудот, бар ту дуруд бод! Баён аз тавсифи некиҳоят оҷиз аст).

[70] Малик – подшоҳ, ин ҷо ба маънии подшоҳи олам, Худованд; бод – бувад; асҳоб – ёрон, соҳибон. Яъне: Дуруди фармонравои ҷаҳони ҳастӣ, яъне Худованд, бар равони ту ва ёрону пайравони ту бод!

[71] Марид –саркаш ва тоғӣ (туғёнкунанда), нофармон; Деви марид – Аҳримани саркаш; мурид – иродатманду дӯстдор ва пайрав; панҷабарпеч – забункунанда ва фироридиҳанда. Яъне: Дуруди Худо нахуст бар Абубакр – пайраву дӯстдори ту ва сипас ба Усмон, ки Аҳриманро забуну гурезон месохт.

[72] Дулдул – номи астарест, ки паямбар (с.ъ.в.) ба Алӣ (р.ъ.) бахшид ва дар луғат ба маънии хорпушт омадааст. Яъне: Дуруди Худо бар Усмон – хирадманд ва ниёишгари шаббедор ва чаҳорум дуруди Яздони пок бар Алӣ – фармонравои диловар ва шаҳсавори далер бод!

[73] Қавли имон – баёни шаҳодатайн ва иқрори қалбӣ ба ислом; кунам хотима – хотима кунам, яъне зиндагиро ба поён барам. Яъне: Худоё, туро ба фарзандони Заҳро савганд медиҳам, ки чунон фармой, ки ман ба ҳангоми марг бо имон ва адои шаҳодатайн зиндагиро ба поён барам.

[74] Агар дуоямро напазирӣ ва ё агар онро бипазирӣ, дар ҳар ҳол ман дӯстдори хонадони паямбарам (с.ъ.в.) ва ба шафоати онон уммедворам.

[75] Садри фархундапай – сарвари волотабор; хайл – гала, маҷозан ба маънии гурӯҳ; дор-ус-салом – биҳишт, (зимнан номи пойтахти Т. ва унвони шаҳрҳои Бағдоду Димишқ аст); туфайл – дар луғат шакли хурдӣ-навозиши тифл аст ва ба сурати исми хос номи шахсе будааст, ки фарзанди вай (Ибни Туфайл) бо инки худ тиҳидаст набуда, бо либоси фохир даъват ношуда ҳамроҳи бузургон ба меҳмониҳо мерафтааст. Дар ин байт “туфайл” маҷозан ба маънии ангалу сарбор ва ҳамроҳи

нохондаи меҳмон омадааст; Ҳай – зиндаи ҷовидон, Парвардигор. Яъне маънии ин ду байт чунин аст: Эй садри фархундапай, аз қадри баланди ту ба даргоҳи Ҳай чӣ кам мегардад, ки муште гадоён ба дор-ус-саломи ту хайли меҳмони туфайл бошанд? (Эй сарвари волотвбор, агар гурӯҳе аз гунаҳкорон ва гадоён ба унвони туфайлӣ ва сарбори анбӯҳи меҳмонони некфарҷоми ту дар Биҳишт пазируфта шаванд, ҳаргиз чизе аз мақоми баланди ту нахоҳад кост?!

[76] Табҷил – бузургдошт; заминбӯс – чокару хоксор. Яъне: Худой бар ту сано гуфт ва (туро) табҷил кард ва Ҷабраилро заминбӯси қадри ту кард. (Худованд туро сутуд ва бар ту арҷ ниҳод ва ба Ҷабраил фармон дод, ки хоксори остони ту гардад).

[77] Осмони баланд дар баробари пойгоҳи арҷманди ту паст менамояд. Парвардигор туро пеш аз офаридани Одами хокӣ халқ карда буд.

[78] Аз оғоз ту поя ва решаи офариниш будӣ ва баъдҳо ҳарчи ба вуҷуд омад, ба баракати вуҷуди ту ва ба хотири ту офарида шуд. Ин байт ва байти қабл ба ҳадисе ишора дорад, ки аз паёмбар нақл шуда: “кунту набйан ва Одама байн-ал-мо’и ва-т-тӣн” ва ё иборати “Лав лока ламмо халақт-ул-афлок” (Агар ту набудӣ, ҷаҳонро намеофаридам!)

[79] Забонам аз баёни бузургдошти ту дармемонад, зеро ҳар гуна туро биситоям, аз он волотару арҷмандтарӣ.

[80] Тоҳо (طه – طاها) – оғози сураи бистум; Ёсин – (يس – ياسين) – сароғози сураи сиву шашуми Қурон, ки ҳар дуро номи пайғамбар (с.ъ.в.) зикр кардаанд. Яъне: ҳадиси “Лав лока ламмо халақт-ул-афлок” (Агар ту набудӣ, ҷаҳонро намеофаридам!) барои баёни бузургдошт ва арҷмандии ту гувоҳии басанда аст ва барои сутудани ту сураҳои “Тоҳо” ва “Ёсин” басанда аст.

[81] Эй набӣ (с.ъ.в.) Саъдии нотамом туро чӣ васф кунад? Дуруд бар ту бод, ва-с-салом! (Эй паймбари арҷманд, баёни норасои Саъдӣ ҳаргиз ёрои тавсифи туро надорад, ҷуз онки бар ту дуруд ва салом бифиристад).

## МУНДАРИҶА

**Мавлуд-ун-набӣ (саллаллоҳу ъалайҳи васаллам) ............ 1**
**Наъти Набӣ** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **....................... 2**
**Баёни хосиятҳое, ки дар хондани мавлуди шариф аст ...... 3**
**Ҳикоят ........................................................................ 5**
**Ҳикояти дигар .......................................................... 10**
**Пеш аз ҳама махлуқот ва мавҷудот нури он ҳазратро** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **офарид ........................... 14**
**Кайфийяти эҷоду мумкинот ба сабаби нури Муҳаммад** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **ва баёни он ...................... 19**
**Дар баёни чароғи тасбеҳот ва таҳлилоте, ки он гавҳари якто дар ҳиҷобҳо ба ҷо оварид ......................................... 20**
**Дар баёни тасбеҳот, ки аз даруни қандил дар шохи дарахти нахлулякин он ҳазрат** *(саллаллоҳи ъалайҳи васаллам)* **гуфтаанд ............................................................... 22**
**Савол кардани ҳазрати расули акрам аз ҳазрати Ҷабраил, ки соли Шумо ба чанд расид ва ҷавоб шунидан аз он кас ....... 26**
**Баёни нишонаи ҷисмонии он ҳазрат** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **.......................................................... 27**
**Муноҷот кардани Абдулмуталлиб дар хонаи Каъба ба умеди фарзанд ............................................................... 29**
**Ҳодисоте, ки баъд аз таваллуди Абдуллоҳ зоҳир гашт ...... 32**
**Баёни шаҳид шудани Яҳёи набӣ** *(ъалайҳиссалом)* **.............. 32**
**Дар баёни аҷоиботе, ки баъд аз як ҷо шудани он ду гавҳари якто аз пардаи адам ба чаҳор сӯи вуҷуд омада ................ 39**
**Ғазал ...................................................................... 42**
**Ғазали дигар ............................................................ 43**
**Воқеоте, ки шаби таваллуд ба зуҳур омадааст ..................... 44**
**Баёни ҳаводисе, ки бевазане дар шаби мавлуд дида буд ............. 47**
**Баёни он чизҳое, ки боз як зан шаби таваллуд мушоҳида карда буд 48**
**Ҳикоят ........................................................................ 49**
**Дар баёни он, ки дар он шаб айвони бошукӯҳи Нӯшеравон афтода буд ............................................................................ 51**
**Дар баёни ваҳй овардани Ҷабраили амин ба он ҳазрат** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **.......................................................... 54**
**Чароғон кардани фонуси шамъи мӯъҷизоти он ҳазрат** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **.............................................. 55**
**Дар баёни он ки ду фариштаи муқарраб назди он ҳазрат** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* **аз барои имтиҳон ба сурати мурғон омада буданд ............................................................... 57**

**Дар баёни меърочи набӣ** *(саллаллоҳу ъалайҳи васаллам)* ................ 60
**Хотимат-ул-китоб** ........................................................................... 73
**Ғазал** ........................................................................................ 75
**Ғазали дигар** .............................................................................. 75
**Ситоиши паямбар** ......................................................................... 76
**Дар ситоиши он муқтадои мурсалин, раҳматан лилъоламин** ...... 78
**Муноҷот** ...................................................................................... 79
**Тавзеҳот** ...................................................................................... 81

## БАРОИ ҚАЙДҲО